АДИБИ ТОҶИК ШАҲЗОДАИ САМАРҚАНДӢ ДАР АМРИКО с. 8

НОМАИ САРБОЗ БА МОДАР с. 11

МАҲДУДИЯТИ НАВ БА МУҲОҶИРОН с. 3



# ТОҶИКИСТОН

№51 (1614), 18.12.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




# ДАР КОНИБОДОМ ЧӢ МЕГУЗАРАД?

Аз таҳлукаи сокинон то вокуниши мақомдорон









## ДАР ИН ШУМОРА:


**СИЁСАТ**
Ёздаҳ рӯзе,
ки Шарқро ларзонид
с.5

**ҲАМСАРИ БЕҲТАРИН**
Ҷамъбасти озмуни
ҷумҳуриявӣ дар Душанбе
с.2

**ҶАҲОН**
Нахустин изҳороти
Асад баъди фирор
с.4

**БРОЙДО**
Нахустин пешниҳодкунандаи
таъсиси Тоҷикистон
с.6

**РУСИЯ**
Генерал Кирилловро
кӣ кушт?
с.4

**АЛӢ ИСМОИЛЗОДА**
Дар саргаҳи матбуот ва
худшиносии миллӣ
с.13

**ВАРЗИШ**
Президентҳои КМОТ ва ФФТ
интихоб шуданд
с.15

**БЕМОРИҲОИ ЧАШМ**
Чаро дар байни кӯдакон
меафзояд?
с.12

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармухаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармухаррир

**Одил НОЗИР,** мухаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:** **Ҳайати кормандони хафтанома**

*Хафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар хафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброз аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА: 221-00-84, 227-19-95 tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16 238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61 ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО 918-66-82-64, 221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР: 33 000 нусха.

# $806 МИЛЛИОН САРМОЯИ БОР БА СОҲАИ НАҚЛИЁТ

**Вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим бо роҳбари намояндагии доимии Бонки Осиёии рушд Ко Сакамото рафти татбиқи лоиҳаҳои нақлиётиро баррасӣ кард.**

Ҳоло бо дастгирии ин бонк 5 лоиҳа ба маблағи 377,89 миллион доллар амалӣ карда мешавад. Соли 2021 таҷдиди роҳи Обигарм-Нурободу дар ҳаҷми 110 млн доллар грант оғоз ёфт. Лоиҳаи навсозии роҳи Данғара-Гулистон барои сохтани долони сабз дар ҳаҷми 86,67 млн доллар тасдиқ карда шудааст.

Дар тӯли 30 сол Бонки Осиёии рушд ба соҳаи нақлиёти кишвар 806,29 миллион доллар сармоягузорӣ карда, дар рушди лоиҳаҳои асосии инфрасохторӣ кумак расонидааст.



# ҲАМСАРУ ОИЛАИ БЕҲТАРИН МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**Дар шаҳри Душанбе ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявии «Беҳтарин оилаи ҳунарманд» ва «Беҳтарин ҳамсар» муайяну қадрдонӣ шуданд.**

Шоҳҷоизаи озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин ҳамсар» ба Хушомад Алидодов аз ноҳияи Роштқалъа ва «Беҳтарин оилаи ҳунарманд» ба Дилдора Азимова аз ноҳияи Ҷаббор Расулов тақдим гардид.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин ҳамсар» ҷойи якум ба Бахтиёр Ҳасанов аз шаҳри Кӯлоб, ҷойи дуюм ба Мунис Бобоев аз ноҳияи Ашт ва Акмал Ҳакимов аз ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ҷойи сеюм ба Турахон Холов аз ноҳияи Шаҳринав, Умед Муҳаммадшерзодшоев аз шаҳри Хоруғ ва Ҳоҷӣ Шарипов аз ноҳияи Рашт дода шуд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин оилаи ҳунарманд» оилаи Нигинамо Набиева аз ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе сазовори ҷойи якум, оилаи Некрӯз Лайлиев аз ноҳияи Рӯшон ва оилаи Фозилҷон Носиров аз ноҳияи Шаҳринав сазовори ҷойи дуюм, оилаи Фариштамо Қодирова аз ноҳияи Ҳамадонӣ, оилаи Ҳабибулло Рашидов аз шаҳри Бӯстон ва оилаи Ташриф Шарипов аз ноҳияи Рашт сазовори ҷойи сеюм дониста шуданд.

Озмунҳои ҷумҳуриявии «Беҳтарин оилаи ҳунарманд» ва «Беҳтарин ҳамсар» бо ибтикори Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон баргузор гардид.

# ҲАЙАТИ НАВИ ҲХДТ ИНТИХОБ ШУДАНД

**18-уми декабр дар Кохи Борбад Анҷумани 15-уми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Бино ба иттилои дафтари матбуоти Сарвари давлат, дар он 1473 вакил аз тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар иштирок намуданд.

Бо ҷонибдории вакилони анҷуман Эмомалӣ Раҳмон дигарбора Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон интихоб гардид.

Ҳамчунин, Маликшо Неъматзода муовини якум, Абдуллозода Умеда Бекмурод ва Каримзода Мирзоқосим муовинони раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон интихоб шуданд.

Дар анҷуман ҳайати нави Кумитаи иҷроияи марказии ҳизб, раёсати Кумитаи иҷроияи марказии ҳизб ва дигар мақомоти сохторҳои ҳизбӣ низ тасдиқ гардиданд.

# ТАРҶУМАИ ОСОРИ УСТОД АЙНӢ БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

**Дар шаҳри Душанбе рӯнамоии тарҷумаи англисии осори Садриддин Айнӣ баргузор шуд.**

Рӯнамоии китобҳои «Марги судхӯр» ва «Ҷаллодони Бухоро» бо ҳузури адабиётшиносон, ба вижа айнишиносон ва дигар аҳли зиё дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гашт. Ин ду китоб аз ҷониби профессор Абдусалом Мамадназаров, устоди забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли равон ба забони англисӣ тарҷума шудаанд.

# САРИ САБЗ



**Парвиз ПӮЛОДӢ,** хунарпеша ва овозхон

**- Вақте мебинам, ки завқи мардум хеле коста шуда истодааст ва таваҷҷуҳи онҳо бештар ба сурудҳои пастмазмун аст, дилсардие маро фаро мегирад ва суол медиҳам, ки ман барои кӣ месароям? Баъдан ба чунин натиҷае мерасам, ки барои худам ва чанде аз ҳамфикрони худ.**

*- Паст наоед, сароиданро идома диҳед. Агар ҳамфикронатон кам ҳам бошанд, ин таъсир дорад. Оҳиста-оҳиста шояд бисёр нафарони ба сурудҳои пастмазмун таваҷҷуҳдошта ҳам дилсард шаванд.*



**Судобе ҶАМШИДӢ,** мураббии эронии муқими Душанбе

**- Ман кӯшиш кардам, то ба занону духтарони тоҷик омӯзонам, ки метавонанд қавӣ бошанд. Кӯшиш кардам фаҳмонам, ки дар ҳаёт вазифаашон танҳо шустану рӯфтан нест. Варзиш мушакҳои онҳоро қувватнок месозад ва ин мушакҳо асои пирии онҳо мешаванд.**

*- Ҳаҳаҳаҳа, ҳо, ҳа нагуфта, ҳамин хел фаҳмонидан гиред. Вақте онҳоро барои шустану рӯфтан маҷбур кардани мешаванд, ҳамин "асои пирӣ" барои танбеҳи шавҳарон ба кор меояд.*



**Владимир ВЯХИРЕВ,** суратгири "Согдийская правда"

**- Сарвати ман он солҳоест, ки гузашт. Овони ҷавонии ман аз ҳаёти ҷавонони имрӯз фарқи зиёд дошт. Барои мо иҷрои ҳар кор мисли имрӯз осон набуд. Тасаввур кунед, ки бе телефони мобилӣ, интернет ва компютер аз уҳдаи ҳар супориш мебаромадем.**

*- Кор аз кор фарқ мекунад-дия! Овони ҷавонии шумо технологияи нав рушд накарда буд. Масалан, шумо бо суратгираки "Зенит" "селфӣ" кардаву даррав дар интернет ҷойгир карда наметавонистед-ку!*

# ДАР КОНИБОДОМ ЧӢ МЕГУЗАРАД?

## Аз таҳлукаи сокинон то вокуниши мақомдорон






**Дар пайи кушторҳои пайдарпай дар шаҳри Конибодом, Раҷаббой Аҳмадзода, раиси вилояти Суғд ба ин шаҳр рафта, дар суҳбат бо сокинони маҳаллӣ аз онҳо даъват кардааст, ки ба таҳлука наафтаанд, зеро тафтиши ин ҳодисаҳо "тахти таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат" аст. Ин нахустин вокуниши мақомоти расмии Тоҷикистон дар робита ба ин кушторҳо дар чанд моҳи охир аст.**

### ТАЪСИСИ СИТОД ДАР КОНИБОДОМ

Дафтари матбуоти раиси вилояти Суғд дар хабарномае навиштааст, "давоми чанд рӯзи охир дар шаҳри Конибодом якчанд ҳодисаи куштори бераҳмона ба қайд гирифта шуд, ки ҷомеаи шаҳрвандиро ба ташвиш андохтааст".

Ба иттилои манбаъ, барои пайдо кардани омилони ин кушторҳо "беҳтарин муфаттишону коршиносон аз тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот сарҷамъ омада", барои "дар мӯҳлатҳои кутоҳтарин пайдо намудани ҷинояткорон" талош доранд.

Раҷаббой Аҳмадзода гуфтааст, ки раванди тафтишот зери назорати "роҳбарияти давлат қарор дошта", шаҳрвандон набояд ба таҳлука афтанд. Аҳмадзода аз сокинони Конибодом дархост кардааст, ки бо мақомоти қудратӣ ҳамкорӣ кунанд.

Дар хабарномаи расмӣ омадааст, ки дар Конибодом ситод ва навбатдорони ихтиёрӣ ташкил шуда, дар кӯчаҳо камераҳои назоратӣ гузошта мешавад.

### ДАРҲО МУҲРЗАДА, СОКИНОН ДАР ҲАРОС

Як рӯз қабл раиси шаҳри Конибодом ҳам баъди ҳодисаи мудҳиши куштор бо сокинони деҳаи Ҳисорак вохӯрд. Аммо дар вохӯрии ӯ журналистон роҳ наёфтанд.

Раиси шаҳри Конибодом Абдусалом Тӯхтасунзода ба деҳаи Ҳисорак, маҳале, ки шаби 15-уми декабр 4 нафар узви 2 хонавода кушта шуданд, рафта, бо сокинон вохӯрӣ анҷом дод. Аммо раиси шаҳр бо сокинон дар чӣ хусус суҳбат кард, маълум нест.

Хабарнигори Pressa.tj барои инъикоси ин қазия ба макони ҳодиса рафт, дарҳои манзили кушташудагонро муҳрзада дарёфт. Сокинон ҳам дар ҳарос буданд. Масъулин аз додани ҳар навъ маълумот ба намояндагони расонаҳои хабарӣ худдорӣ мекунанд. Ҳатто ба журналистон иҷозат надоданд, ки дар вохӯрии раиси шаҳр бо сокинон ширкат кунанд.

Аз ҷумла, як нафар сокини маҳаллӣ, ки дар мулоқоти раис ширкат доштааст, ҳозир нашуд аз вохӯрӣ маълумоте диҳад. Танҳо гуфт, ки масъулин аксу наворбардорӣ аз рафти мулоқотро манъ карданд.

Ёдовар мешавем, ки шаби 15-уми декабри соли равон дар деҳаи Ҳисорак (Қурғончаи собиқ)-и шаҳри Конибодом ҷасади 4 нафар, ки аъзои ду оила будаанд, дарёфт гардид. Миёни қурбониён зану шавҳар Ғайбулло Маҷидови 35-сола ва Зарнигори 28-сола, инчунин модару писар, Ойиша Шокироваи 70-сола ва Ҷавлон Шокирови 44-сола ҳастанд.

Новобаста аз монеаҳо мо имкон ёфтем бо як нафар аз пайвандони яке аз оилаҳои кушташуда суҳбат кунем. Ин нафар яке аз наздикони зану шавҳари кушташуда Маҷидовҳо буда, ба шарти нагуфтани номаш гуфт, ки аз ин оила 3 фарзанд ятим монд. Ба гуфтаи ӯ шаби ҳодиса онҳо ҳама дар як хона будаанд ва кӯдакон зинда мондаанд. Ҳоло фарзандони Ғайбулло Маҷидови 35-сола ва Зарнигори 28-соларо мақомот бурдааст ва худи пайвандони ин оила ҳам аз рафти тафтишот ва ҷузъиёти ҳодиса маълумоте надоранд.

### ВОКУНИШИ МАҚОМОТ

17-уми декабр ҳангоми сафари хабарнигори Pressa.tj ба деҳаи Ҳисораки шаҳри Конибодом мушоҳида шуд, ки мардум тарсзада ҳастанд. Чанде аз сокинон низ дар суҳбати бидуни сабт гуфтанд, ки баъди суҳбат бо журналистон ҳарос доранд, чунки зери фишори мақомот қарор мегиранд.

Дар як ҳафтаи охир ин дувумин ҳодисаи куштори гурӯҳӣ дар шаҳри Конибодом мебошад. Аз ин пештар дар бораи қатли 6 узви як оила хабарҳо расида буд, ки 4 нафари онҳо кӯдакон буданд.

Аз моҳи марти имсол то ҳол дастикам дар бораи куштори аъзои 7 оила, тақрибан 20 нафар хабарҳо нашр шуда буд. Ҳодисаи охир рӯзи 16-уми декабр расонаӣ шуд, ки шахсони номаълум дар деҳаи Ҳисорак (Қурғончаи собиқ) 4 нафар, ду зану ду мардро ба қатл расонидаанд.

Ин ҳодисаҳо нигаронии сокинони маҳаллӣ ва наздикони онҳоро дар муҳоҷират ба миён овардаанд.

Мақомоти қудратии Тоҷикистон то ҳол дар бораи ҳодисаҳо вокуниши расмӣ накардаанд. Танҳо Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон (ВКД) бо гузашти беш аз 6 моҳ кушторҳои пайдарпайи пурсарусадо ва гаштугузори шахсони никобпӯш дар шаҳри Конибодомро шарҳ дод ва гуфт, ки "ягон ҳангомаи зиёдатӣ нест, кушторҳои муқаррарӣ аст".

Дар ҳамин ҳол, ҳафтаи гузашта расонаҳо хабар доданд, ки додгоҳҳои Тоҷикистон то ин дам ду касро барои даст доштан дар қатлҳои мармузи Конибодом ба ҳабс маҳкум кардаанд. Марат Сатторов ба ҳабси абад ва Шарифҷон Ашӯров ба 20 соли зиндон маҳкум шудааст.

**Фарзона ШАМСИЕВА, хабарнигори "Тоҷикистон" дар вилояти Суғд**





## МАҲДУДИЯТИ НАВБАТӢ БАРОИ МУҲОҶИРОН

**Дар вилояти Волгоград Русия барои муҳоҷирон кор дар соҳаҳои мориф, тандурустӣ, таъмири нақлиёт, мусофиркашонӣ, савдои яхлухт ва чакана манъ шуд.**

Дар ин бора қарори ҳокими вилояти Волгоград Андрей Бочаров имзо шуд. Ин маҳдудиятҳо аз аввали соли 2025 ба иҷро медароянд. Кор дар соҳаҳои мазкур танҳо ба муҳоҷирони меҳнатие, ки бо иҷозатнома (патент) фаъолият мекунанд, манъ хоҳад шуд.

Ба гуфтаи мақомоти вилояти Волгоград, ин тасмим ба мувозинати рушди бозори меҳнати минтақа ва баланд бардоштани рақобатпазирии корҷӯёни маҳаллӣ мусоидат мекунад.

"Системаи нав инчунин имконият медиҳад, ки ҷараёни ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ танзим шавад ва таваҷҷуҳ ба мутахассисони баландихтисоси хориҷӣ равона гардад. Чунин мутахассисон, одатан, тибқи дархости корфармо ва раводиди меҳнатӣ кор мекунанд, на бо иҷозатнома (патент)",- омадааст дар изҳороти мақомоти дахлдори Волгоград.

## САНҶИШ ДАР МАКТАБҲОИ ДУШАНБЕ

**Дар чанд муассисаи таълимии пойтахт санҷиш гузаронда шуд, ки хонандагону омӯзгорон ба дарс дер ҳозир мешаванд.**

Масъулини Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе аз муассисаҳои таълимии №90, №91-и н. Сино, №2, 107, 110-и н. Шоҳмансур, №51, 72-и н. Фирдавсӣ ва муассисаҳои таълимии №1 ва Гимназияи ба номи А. Ғуломови н. И. Сомонӣ дидан намуданд.

Зимни боздид аз муассисаҳои зикргардида маълум гардид, ки раванди назорати дохили муассиса ба таври назаррас ба роҳ монда нашуда, омадани хонандагону омӯзгорон то соати 9:00 идома дошт.

«Пӯшидани либоси тавсиявӣ аз ҷониби хонандагону омӯзгорон пурра риоя нагардида, аксари хонандагон дар дарсҳо бе лавозимоти хониш, аз қабили китобу дафтари дарсӣ ва рӯзнома иштирок доштанд»,-иттилоъ доданд аз Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.



**ТАСС Думаи давлатии Русия дар хониши аввал тарҳеро қабул кард, ки имкон фароҳам меорад, то Толибон* аз рӯйхати террористон дар ин кишвар берун шаванд.**

Лоиҳаи қонун дар бораи механизми муваққатан боздоштани манъи фаъолияти созмонҳои шомил ба феҳристи созмонҳои террористиро гурӯҳи вакилон ва сенаторҳо дар моҳи ноябр пешниҳод карда буданд. Мувофиқи меъёрҳои нав, манъи фаъолияти созмон, аз ҷумла хориҷӣ ё байналмилалӣ, ки дар Русия террористӣ эътироф шудааст, метавонад бо қарори додгоҳ бар асоси пешниҳоди додситони кулл боздошта шавад.

# НАХУСТИН ИЗҲОРОТИ АСАД БАЪДИ ФИРОР

**Башор Асад, ҳамакнун президенти собиқи Сурия пас аз фирораш ба Русия нахустин изҳороти хешро дар телеграмм-канали хеш нашр кардааст. Ӯ дар ин изҳорот сабабу ҳолатҳои фирори хешро ба Русия шарҳ медиҳад.**

"Медуза" менависад, ки ҳомӯшии Асад то имрӯз бинобар сабаби "комилан қатъ шудани алоқа ба хотири амнияту бехатарӣ" будааст.

Дар изҳороти Асад, ки рӯзи 16-уми декабр нашр шудааст, гуфта мешавад, ки Сурияро тарк кардани ӯ дар нақша набуд ва он дар соатҳои охири ҷанг, тавре баъзеҳо иддао доранд, сурат нагирифт. Ба гуфтаи президенти собиқ, "ӯ то рӯзи якшанбе, 8-уми декабр" дар Димишқ қарор дошт.

"Вақте ки қувваҳои террористӣ ба Димишқ ворид шуданд, ман бо ҳамоҳангии иттифоқчиёни русиягии худ барои назорат кардани амалиёти ҷангӣ ба Латакия кӯч бастам",- изҳор доштааст Асад.



Ба гуфтаи ӯ, вақте ки ба пойгоҳи ҳавоии Русия дар Хмеймим расид, "маълум шуд, ки қӯшунҳои мо комилан аз ҳама мавқеъҳои ҷангӣ ақиб кашида шуда, охирин мавқеъҳои артиш аз даст рафтаанд".

"Дар ҳамин ҳол,- навиштааст Асад,- худи пойгоҳи ҳавоӣ мавриди ҳамлаҳои ҳавопаймоҳои бидуни сарнишин қарор дошт". Бо дарназардошти вазъият, ба гуфтаи президенти собиқ, маҳз Маскав аз фармондеҳии пойгоҳи Хмеймим хостааст, ки шоми 8-уми декабр таъҷилан аз кишвар хориҷ шудани ӯро таъмин кунанд.

"Дар ҷараёни ин ҳодисаҳо ман ҳеҷ гоҳ дар бораи истеъфо ё паноҳҷӯӣ фикр накардаам ва ҳеҷ шахс ё гурӯҳе чунин пешниҳод накардааст. Ягона роҳи ҳал идомаи мубориза бо фишори террористӣ буд",- гуфтааст Асад ва таъкид доштааст, ки "аз рӯзи аввали ҷанг ман аз наҷоти ҷони худ ба хотири манфиати шахсӣ даст кашидам" ва муборизаро қатъ накардам.

"Вақте ки давлат ба дасти террористон меафтад, ҳар гуна мансаб маънии худро гум карда, сари мансаб будан бемаънӣ мешавад",- таъкид доштааст Асад ва илова намудааст, ки то ҳол худро мансуб ба Сурия медонад ва умедвор аст, ки кишвар "боз озоду мустақил хоҳад шуд".



**Fe. ФЕРГАНА Оқилбек Жапаров, сарвазири Қирғизистон рӯзи 16-уми декабр аз мақомаш истеъфо додааст. Дар ин мақом ӯро муовинаш Одилбек Қосималиев иваз мекунад.**

Дар фармони Содир Жапаров, раисҷумҳури Қирғизистон зикр мегардад, ки сарвазири ҳамакнун собиқ "бинобар сабаби гузаштан ба кори дигар аз вазифааш озод карда шуд". Аммо дар бораи кори ояндаи Оқилбек Жапаров маълумот дода намешавад. Эҳтимол меравад, ки сиёсатмадор мушовири президенти ҷумҳурӣ таъин шавад.

# ҶАНГ ДАР УКРАИНА БОЯД ТАМОМ ШАВАД



**Доналд Трамп, раисҷумҳури мунтахаби Америко гуфтааст, ки барои поёни ҷанги ба гуфтаи ӯ даҳшатнок дар Украина, бо Владимир Путин ва Владимир Зеленский гуфтугӯ мекунад.**

Трамп рӯзи 16-уми декабр ва дар аввалин нишасти хабариаш баъди пирӯзӣ дар интихоботи президентии ИМА, чанд бор дар бораи ҷанги Украина суҳбат кард. Ӯ бори дигар ба мавқеи худ таъкид кард, ки ин ҷанг бояд тамом шавад.

Ба гуфтаи раисҷумҳури мунтахаби Америко, талафот аз ҳарду ҷониб бештар аз оне аст, ки тасаввур мешавад. Пештар Трамп аз кушта ва захмӣ шудани ҳазорҳо нафар аз ду тарафи ҷанг гуфта буд.

Мақомоти Украина гуфтанд, ки талафоти ин кишвар дар ҷанг камтар аз гуфтаи Трамп аст. Маскав ду сол аст, ки дар бораи талафоти сарбозонаш дар ҷанг бо Украина расман чизе намегӯяд. Доналд Трамп ба хабарнигорон гуфт, ки раисҷумҳури Украина Владимир Зеленскийро зарур аст барои бастани созиш бо Русия омода бошад.

Дар айни ҳол Трамп нагуфт, ки оё ба Русия додани қаламравҳои ишғолии Украинаро дастгирӣ мекунад ё не. Ӯ танҳо гуфт, ки барои барқарор кардани минтақаҳои харобшудаи Украина "сад сол" зарур аст.

Доналд Трамп дар маъракаҳои пешазинтихоботиаш гуфта буд, ки агар раисҷумҳури Америко интихоб шавад, ба ҷанги Украина то маросими савгандёдкуниаш поён медиҳад, аммо нагуфт чигуна.



**Овози Самарқанд Осорхонаи Садриддин Айнӣ, сардафтари адабиёти муосири тоҷик дар зодгоҳи ӯ - Соктареи ноҳияи Ғиждувон ба феҳристи маконҳои сайёҳии шаҳри Бухоро ворид шудааст.**

Фармони дахлдорро дар ин хусус Шавкат Мирзиёев рӯзи 5-уми декабр имзо кардааст. Гуфта мешавад, ки ин иқдом дар арафаи ҷашни 150-солагии устод Садриддин Айнӣ туҳфаи муносиб мебошад. Ба ин хотир корҳои омодагӣ дар деҳаи Соктаре вусъати тоза гирифта, осорхонаи устод аз нав таъмир хоҳад гашт.

# ГЕНЕРАЛИ РУС ДАР МАСКАВ ИНФИҶОР ШУД

**Дар таркише дар хиёбони Рязани Маскав Игор Кириллов, фармондеҳи неруҳои ҳимоя аз ҳамлаҳои кимиёӣ ва биологии Русия кушта шудааст.**

Дар ин ҳодиса, ки субҳи рӯзи 17-уми декабр дар назди манзили зисти генерал-лейтенант Кириллов, 7 километр дуртар аз Кремл рух дод, як афсари ҳамроҳаш низ ҷон бохтааст.

Кумитаи тафтишоти Русия хабар дод, ки маводи тарканда дар дохили самокат ва ё скутери электрикӣ пинҳон буда, ҳангоми беруншавии генерал-лейтенант Кириллов аз манзили зисташ аз дур фаъол шудааст.

Неруҳои ҳимоя аз ҳамлаҳои кимиёӣ ва биологии Русия як навъи хоси воҳиди мусаллаҳ аст, ки дар шароити захролудшавии ҳастаӣ, кимиёӣ ва биологӣ амалиёт пеш мебарад.

Кумитаи тафтишоти Русия таҳқиқи ҳодисаро бар ухда гирифтааст.




Мақомоти Русия ангушти иттиҳомро ба сӯи Украина боло кардаанд. Мақомоти Украина то ҳанӯз дар бораи ин ҳодиса изҳори назар накардааст.

Рӯзи 16-уми декабр Ҳадамоти амнияти Украина хабар дод, ки ҳангоми ҳамлаи Русия ба хоки Украина неруи таҷовузгар таҳти фармондеҳии генерал-лейтенант Кириллов камаш 5 ҳазор дафъа аз силоҳи кимиёӣ истифода бурдааст. Ҳадамоти амнияти Украина Кирилловро шахсан масъули ин амал номида, зидди ӯ парвандаи ҷиноятӣ боз кард.

Кириллов хатмкардаи Мактаби олии фармондеҳии низомии Кострома буда, сар аз соли 2017-ум раҳбарии Неруҳои ҳимоя аз ҳамлаҳои кимиёӣ ва биологии Русияро бар дӯш дошт.

Мақомоти Русия рӯзи 18-уми декабр гуфтанд, ки дар робита ба куштори генерал Игор Кириллов, фармондеҳи неруҳои ҳимоя аз ҳамлаҳои кимиёӣ ва биологии ин кишвар, як шаҳрванди 29-солаи Узбекистонро дастгир карданд. Ба вай ҳабси якумрӣ таҳдид мекунад.



# ЁЗДАҲ РӮЗЕ, КИ ШАРҚРО ЛАРЗОНД...

**Давлате, ки бо номҳои расмии “Ҷумҳурии Арабии Сурия”, ё “Ҷумҳурии Сурияи Араб” дар харитаи сиёсии олам мавқеъ дошт, давоми 11 рӯз аз байн рафт. Ин рақам беихтиёр рақами 10-ро ба ёди банда меорад аз унвони китоби машҳури адиби амрикоӣ Ҷон Рид роҷеъ ба рӯзҳои аввали инқилоби октябрии соли 1917 дар Русия - “Даҳ рӯзе, ки дунёро ларзонд”.**

Дар ин китоб, ки ба қавли доҳии пролетарҳои олам Ленин, “ҳақиқати воқеоти инқилоб зиндаву воқеӣ бозтоб ёфтаанд”, нависанда ҳар чизеро, ки бо чашмони хеш дидаву бо мағзи худ дарк кардааст, айнан овардааст.

Аммо дар бораи ёздаҳ рӯзи инқилоби Сурия, ки имрӯзҳо на фақат сиёсатшиносон, балки бештар хабарнигорон ҳарф мезананд ва сенарияҳои гуногуни рушди ҳаводиси Ховари Наздикро пешгӯйӣ мекунанд, то кунун ба ҷуз мақолоти алоҳида чизе нашр нашудааст. Шояд баъди як-ду сол мисли Ҷон Рид адибе пайдо шавад, ки сабабу авомил ва неку бади таназзули кишвари Сурияро китоб кунад, шояд...

Аммо ҳолиё, ончунон ки аз очонсиҳои хабарӣ ва сарчашмаҳои бешумори иттилооти ҷаҳонӣ мехонем, вазъият он қадар пурпечутоб аст, ки касе наметавонад чараёни ҳадди ақал як моҳ баъди ин инқилобро пешгӯйӣ кунад.

Ҳамин тавр, ҳукумати 24-солаи Башор Асад дар ёздаҳ рӯз пош хӯрд ва он абарқудратҳое, ки тӯли 9 сол аз ин ҳукумат дастгирӣ мекарданд, яъне Русияву Эрон, натавонистанд онро аз ҳуҷуми гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин (дар аксар кишварҳо ин гурӯҳҳоро, ба шумули “Ҳайат Таҳрир аш-Шом”, “Ал-коида” ва ғайра террористӣ эътироф мекунанд) наҷот диҳанд...

Аҷиб, ки дар расонаҳои русӣ ва бисёре аз кишварҳои ғарбӣ ҳамон гурӯҳҳоеро, ки аз Идлиб бархоста то ба Димишқ бидуни мухолифат расиданд, дар аввалҳо гурӯҳҳои террористӣ мехонданд, баъдан расман “гурӯҳҳои мухолифини мусаллаҳ” меномидагӣ шуданд...

Хуб, ҳоло дигар аҳамият надорад, ки онҳоро чӣ меноманд, он чиз аҳамият дорад, ки ҳамин гурӯҳҳо бо сарварии ал-Ҷулонӣ сари ҳокимият омадаанд ва ояндаи Сурия аз чӣ гуна барнома сохтани онҳо барои эҳёи Сурия ҳамчун давлати мустақил вобаста аст. Аксар сиёсатшиносону таҳлилгарон бар ин ақидаанд, ки Сурия дигар давлати воҳид нахоҳад шуд, балки миёни се кишвари манфиатдори минтақа - Исроилу ИМА ва Туркия тақсим мешавад.

Исроил баробари оғози таҳаввулот дар Сурия артиши худро аз баландии Ҷӯлон ба даруни тарии кишвар ворид кард ва тамоми лавозимоти ҷангии артиши Сурияро ба хок яксон кард. Алакай мардуми друз (ё дуруз), ки дар ҷанубу ғарби ин кишвар, дар баландиҳои Ҷӯлони мутааллиқ ба Сурия (як қисматаш дар Исроил) зиндагӣ мекунанд, аз кишвари Исроил хоҳиш кардаанд, ки онҳоро зери ҳимоят бигирад ва умуман Исроил ин қаламрави зисташонро ба худаш ҳамроҳ кунад...

Туркия акнун эълом карда, ки лӯлаи гази Қатарро тавассути Сурия ба Туркия мебарад ва аз он чо ба Аврупо интиқол хоҳад дод, яъне ҳамон амалеро анҷом додан мехоҳад, ки Русия дар вақташ (соли 2015) комилан зидди он буд. Он замон яке аз ҳадафҳои Русия аз ворид шуданаш ба Сурия (дар баробари муборизa бо ДОИШ) пешгирӣ аз ҳамин пружаи интиқоли гази Қатар ба Аврупо буд... Акнун, ки русҳо бо Аврупо дар масъалаи газ муомилаи иқтисодӣ надоранд, Туркия (агар ин пружа амалӣ шавад) ба бузургтарин содиркунандаи газ барои кишварҳои Аврупо табдил хоҳад ёфт.

Ягона мушкили туркҳо дар Сурия курдҳоянд, ки дар минтақаҳои пурнафт ҷойгир шудаанд ва таърих барои онҳо имрӯзҳо имкони таъсиси давлати мустақилро додааст. Аз ин шонси таърихӣ курдҳо истифода мекунанд ё на, аз муносиботи Америкову Туркия вобастагӣ дорад... Ҳамин қадар маълум аст, ки ҳоло курдҳо зери ҳимояи америкоиҳо ҳастанд ва ин ҳимоя то кай идома меёбад, вақт нишон хоҳад дод.

Ба андешаи банда, омили асосие, ки ҳукумати Башор Асадро дар як муддати кутоҳ фурӯ пошид, аз имкониятҳои фаровони давлатсозӣ истифода накарданаш буд. Баъди саркӯб шудани ДОИШ ва гурӯҳҳои дигари террористии ба он ҳамроҳ давоми 9 сол оромӣ фаро расида буд ва Асад имкон дошт, ки барномаи фарогири муттаҳид кардани халқҳои гуногуни сокини ин кишвар, яъне барномаи мусолиҳаи миллии сунниҳову шиаҳо, друзҳову курдҳову фаластиниҳо ва ғайраҳоро амалӣ кунад...

Имкон дошт, ки давлате дар шакли федератсия бунёд кунад, ё ҳадди ақал мисли Шветсария дар шакли конфедератсия. Метавонист ислоҳоти фарогири соҳаи маорифу фарҳанг, артиш ва дигар соҳторҳои низомиро анҷом диҳад, аммо накард. Метавонист тавассути бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ мардумро ба худ моил кунад ва аз пайи ҳифзи иҷтимоии мардум шавад, аммо системаи худкомаро афзалтар донист.

Натиҷаи ин ҳукмронӣ чунин шуд, ки мардум ба ҳоли худаш буду ҳукумат ба ҳоли худаш... Ҳамагуна эътирозҳо саркӯб мешуд, дар маҳбасҳо дигар ҷойи сӯзанзанӣ намонд...

Кор ба дараҷае расид, ки аз як ҷониб Эрон ин кишварро ба пургӣ тобеи худ медонист, аз сӯйи дигар русҳо ба атрофу акнофи пойгоҳҳои низомии худ (дар Хмеймим ва Тартус) ихтиёри назорат доштанд, туркҳо аз пайи курдҳо буданд... Яъне мисли мақоли “шаҳри бе дарвоза”...

Аслан, Сурия муддати 13 соли ошӯбу нифоқу мубориза ва набардҳо танҳо дар Димишқу атрофи он истиқлоли нисбӣ доштӯ халос, дигар музофот миёни абарқудратҳои минтақаӣ - Эрону Русияву Туркия (ва ИМА дар шимолу шарқ, яъне дар заминҳои зери контроли курдҳо) тақсим шуда буданд...

Ба андешаи банда, Сурия имрӯзҳо дар пешорӯйи се воқеият қарор дорад: *аввалан*, кишвари муттаҳид, агар гурӯҳи фармонравои кунунӣ - Ҳайат Таҳрир аш-Шом бихоҳад, ки ҳукуматро якҷо бо нерӯҳои дигари сиёсӣ таъсис бидиҳад; *дувум*, хатари яккаҳокимиятӣ, агар ХТШ зимоми ҳукуматро танҳо дар дасти худ нигаҳ дорад ва ба саркӯби гурӯҳҳои дигари сиёсӣ оғоз кунад. Бояд гуфт, ки ин гурӯҳ чунин таҷриба дар шаҳри Идлиб дошт (ки чор миллион аҳолӣ дорад), ҳам сохтори шаҳрвандӣ амал мекард ва ҳам шӯрои динӣ.

Ва ниҳоят, воқеияти *севум* - ҷанги шаҳрвандӣ... Таҷрибаи Либия баъди Қазофӣ, Ироқ баъди Саддом Ҳусейн гувоҳ аст, ки баъди чунин табаддулот холигоҳе пайдо мешавад, ки онро гурӯҳҳои сершумори байни ҳам мухолиф пур мекунанд ва аслан идеяи сохтани давлати ягона аз миён меравад...

Барои Иттиҳоди Аврупо ва ИМА имконияти таъсир расонидан ба ҳукумати нав барои анҷом додани ислоҳоти демократӣ фароҳам омадааст: онҳо бар ивази бекор кардани таҳримҳо ва кумаки бузурги молӣ метавонанд талаб кунанд, ки дар асоси конститутсияи нав як ҳукумати ҳамашумул (инклюзив) таъсис дода шавад. Дар сурати баръакс, вазъи Афғонистон метавонад дар ин кишвар такрор шавад...

**Чаҳор омили муҳим метавонад Сурияро ба кишвари мустақил табдил диҳад:** *аввалан*, хеле наздик шудан ба мардум ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути тарҳҳо ва барномаҳои гуногун (албатта, бо мадади Аврупову Америко ва созмонҳои молии байналмилалӣ).

*Дувум*, бартараф кардани тамоми монеаҳое, ки ҳамзистии осоиштаи халқҳои гуногунэътиқоди кишварро (сунниву шиаҳо, алавиҳо, масеҳиҳо ва ғайраҳоро) таъмин мекунанд (эълони он ки тамоми мазҳабҳо ва фирқаҳои динӣ назди қонун баробаранд)... Ва *севум*, таъсиси артиши миллӣ ва таъмини хеле хуби он ҳам бо маош ва ҳам бо аслиҳаву лавозимоти ҳарбӣ...

Ва ниҳоят, *чаҳорум*, ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ надодан ба сохтани пойгоҳҳои ҳарбии кишварҳои хориҷӣ...

Аз ин сенарияҳо ва роҳҳалҳо кадоме интихоб мешавад, вақт нишон хоҳад дод...

**Ҳафиз РАҲМОН,**
**публитсист**

## РЕЗААХБОР

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳам маҳдудияти интиқоли барқ ё "лимит" ҷорӣ шудааст. Амрихон Раҳимов, директори ширкати "Помир Энерҷӣ" се рӯз пеш дар ҷаласаи расмии вилоят гуфтааст, ки сабаби ҷорӣ шудани лимит сард шудани ҳаво ва яхбандии шадид дар кӯли Яшикӯл аст. Феълан танҳо шаҳри Хоруғ ва марказҳои ноҳияҳо пурра бо барқ таъмин буда, деҳаҳои дигар бо маҳдудият барқ хоҳанд гирифт.

***

КВД "Обу корези Душанбе" аз сокинони пойтахт хостааст, ки ҳисобкунакҳои оби худро дар ҷойи гарм нигоҳ доранд. Зеро ба гуфтаи ин ниҳод, сардиҳои бавуҷудомада метавонад боиси хароби онҳо гардад. Дар ҳолати аз кор баромадани обҳисобкунакҳо ё фарсуда шудан барои иваз намудан ба рақамҳои 2222033 муроҷиат кунед.

***

17-уми декабр воҳӯрии вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон Алиризо Ҳақиқиён доир гардид, ки дар зимни он ҷонибҳо масъалаи баргузории рӯзҳои фарҳангро баррасӣ намуданд. Дар мулоқот оид ба густариши робитаҳои фарҳангӣ, баргузории рӯзҳои фарҳанги Эрону Тоҷикистон ва дигар паҳлуҳои ҳамкорӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

***

Хонандагони тоҷик дар Олимпиадаи 16-уми аврусиёӣ аз фанни информатика сазовори 3 медали нуқра ва 15 медали биринҷӣ гардиданд. Олимпиада дар шаҳри Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай баргузор гардид. Дар он аз Тоҷикистон 39 хонанда иштирок намуданд. Дар даври ниҳоии олимпиада 77 даста бо фарогирии 231 хонанда аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Федератсияи Русия иштирок намуд.

***

Миёни Тоҷикистон ва Корея протоколи сохтмони нерӯгоҳҳои барқи офтобӣ ва дастгоҳҳои захиракунандаи энергия дар кишвари мо имзо шуд. Ҳуҷҷат аз сӯйи Далер Ҷумъа, вазири энергетикаи Тоҷикистон ва Лим Бюнг, директори Институти рушди технологияи Корея рӯзи 9-уми декабр дар Душанбе ба имзо расидааст. Ҳадафи ин барнома таъмини бехатари сокинони ин вилоятҳо бо қувваи барқ гуфта мешавад.



# ГРИГОРИЙ БРОЙДО

## нахустин нафаре, ки таъсиси Тоҷикистонро пешниҳод кард

**Соли равон аз бунёди Тоҷикистон чун ҷумҳурии худмухтор 100 ва аз таъсисёбии Тоҷикистони Шӯравӣ 95 сол сипарӣ шуд. Ин ду воқеаи муҳими таърихӣ заминаи он гардиданд, ки соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли комили сиёсӣ ба даст орад. Вале набояд фаромӯш кард, ки на Тоҷикистони худмухтор, на Шӯравӣ ва на соҳибистиқлол ба осонӣ сохта нашудааст. Он натиҷаи талоши миллати тоҷик ва ҷонбозиҳои фарзонафарзандонаш мебошад. Дар баробари ин, аз миёни намояндагони миллатҳои ғайр, ки дар оғози асри XX тасмим мегирифтанд, шахсиятҳои барои миллати тоҷик хайрхоҳ низ буданд. Яке аз онҳо Григорий Исаакович Бройдо мебошад. Муаррихон дар таълифоти хеш аз нақши ин шахсият сарфи назар мекунанд, ҳол он ки ӯ нахустин нафарест, ки таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод карда буд.**

### ДУЮМИН САРВАРИ ТОҶИКИСТОН

Нахуст назаре меандозем ба рӯзгори Григорий Исаакович Бройдо.

Григорий Исаакович Бройдо 7-уми ноябри соли 1884 дар шаҳри Вилнои империяи Русия, ҳоло шаҳри Вилнюси Литва, дар хонаводаи муҳосиб Исаак Лейбович Бройдо ба дунё омадааст. Миллаташ яҳудӣ.

Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербургро хатм кардааст. Аз соли 1903 ба сафи ҳизб пайваста, нахуст меншевик ва аз соли 1918 бо болшевикон пайваст. Иштирокчии Инқилоби якуми Русия (1905-1907) ва Инқилоби февралӣ дар Тошканд мебошад. Дар ин давра Раиси Совети Тошканд буд.

Солҳои 1909-1916 дар Бишкек ва Тошканд ба ҳайси адвокат кор кардааст. Иштирокчии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (1916-1917) мебошад.

Баъдан фаъолияти Г. И. Бройдо чунин ҷараён гирифтааст: соли 1917 узви Шӯрои Петроград; соли 1918 узви Шӯрои хоҷагии халқи РСФСР ва Раёсати корҳои ирригатсионии РСС Туркистон; солҳои 1918-1919 мудири мактаби партиявии Самара, намояндаи ваколатдори Шӯрои ҳарбӣ-инқилобии Гурӯҳи ҷанубии Қӯшунҳои фронти Шарқӣ; узви Шӯрои ҳарбии Артиши якуми фронти Шарқӣ; мудири шуъбаи ҳизбии Кумитаи Умумироссиягии Марказии Иҷроия ва Шӯрои Комиссарони Халқии РСФСР; солҳои 1919-1920 мудири шуъбаи муносибатҳои берунии комиссияи Туркистонӣ, роҳбари экспедитсияи фавқулода дар Хива, намояндаи фавқулодаи РСФСР дар Хива ва департаменти Амударё буд. Солҳои 1921-1923 Г. Бройдо муовини Комиссари халқӣ оид ба миллатҳои РСФСР буд.

Соли 1921 Григорий Бройдо ташкилкунанда ва ректори якуми Университети коммунистии меҳнаткашони Шарқ, солҳои 1925-1926 муовини мудири шуъбаи табъу нашри КМ РКП(б), 1925-1927 муовини мудири шуъбаи чопи КМ РКП(б) - ВКП(б) буд.

Солҳои 1927-1930 ректори Университети коммунистии Саратов, мудири шуъбаи Нашриёти давлатӣ, мудири шуъбаи ташвиқоту тарғиботи комитети кишварии Нижне-Волжски ВКП(б), котиби комитети кишварии Нижне-Волжски ВКП(б) буд.

Григорий Исаакович Бройдо моҳи декабри соли 1933 Котиби якуми Кумитаи марказии Ҳизби коммунист (болшевики) РСС Тоҷикистон интихоб шуд ва дар ин вазифа то соли 1934 кор кард.

Соли 1934 Бройдоро аз вазифаи роҳбарии Тоҷикистон барканор ва ба Москва даъват намуданд. Ӯ солҳои 1934-1936 дар вазифаҳои муовини Комиссари халқии маорифи РСФСР, 1936-1938 директори нашриёти КМ ВКП(б) ва аз соли 1938 то соли 1941 мудири нашриёти тиббӣ буд. Вале моҳи августи соли 1941 Бройдоро ҳабс ва аз сафи ҳизб хориҷ намуданд. Ӯ моҳи апрели соли 1953 аз рӯйи авфи умумӣ аз маҳбас озод ва соли 1955 ба сафи ҳизб барқарор гардид. 23-юми майи соли 1956 дар синни 71-солагӣ, дар шаҳри Москва вафот кард. Ӯ соҳиби 5 фарзанд - 4 духтар ва 1 писар буд.

### ПЕШНИҲОДИ ТАЪСИСИ ТОҶИКИСТОН

Баргардем ба қазияи солҳои 20. Дар ҷараёни тақсимоти милливу марзии Осиёи Миёна нисбати тоҷикон аз оғоз адолат риоя намегардид. Аз як тараф дастури Ленин дар мавриди ба Ӯзбекия, Қирғизия ва Туркмания ҷудо кардани Туркистон, яъне Осиёи Марказӣ масъалаи соҳиби давлати алоҳида шудани тоҷиконро зери суол бурда бошад, аз ҷониби дигар пантуркистоне чун Ф. Хоҷаев талош менамуданд, ки бо таъсиси вилояти мухтори тоҷикон шанси таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистонро лағв намоянд. Тоҷикони худбохтае низ дар ин миён буданд, ки ба манфиати ин гурӯҳҳо кор мекарданд.

Муаррихи тоҷик Давлат Назрӣ дар китобаш “Тоҷикон ва марзбандии соли 1924” (Д., 2024) дар ин маврид менависад: “... ҳангоми таъсис додани Ҷумҳурии Тоҷикистон бар хилофи хиёнати баъзе намояндагони миллати тоҷик, ки ҳамон вақт ба решаҳои давлатдории он табар задаанд, касоне аз миллатҳои дигар овоз баланд карданд ва то ҷое масъаларо ба фоидаи тоҷикон ҳал намуданд. Ҳанӯз дар марҳалаи баррасии масъалаи марзбандӣ муовини Комиссари халқӣ оид ба корҳои миллатҳо Г. И. Бройдо дар гузорише ба КМ РКП(б) пешниҳод карда буд, ки барои тоҷикон ҷумҳурии мухтор таъсис дода шавад. Ин андеша аз ҷониби зеркомиссияи тоҷикон бетаваҷҷуҳ монд ва ҳамон пешниҳоди Ф. Хоҷаев дар бораи дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон созмон додани вилояти мухтор то натиҷагирии ниҳоӣ дар Тошканду Бухоро бетағйир монд”.

28-уми феврали соли 1924 дар ҷаласаи Бюрои сиёсии КМ РКП(б) вазъи Хева баррасӣ шуд ва Бюрои сиёсӣ зарур шумурд, ки ба он ҷо Г. И. Бройдоро барои омӯзиш фиристад. Зеро Григорий Исаакович бо Осиёи Миёна шинос буд ва дар ин ҷо қаблан кор ҳам карда буд. Ӯ солҳои 1921-1924 муовини Комиссари халқии РСФСР оид ба корҳои миллатҳо (муовини Сталин) буд.

Бройдо пас аз омӯзиши вазъи минтақа ба Бюрои сиёсӣ гузорише пешниҳод мекунад. Дар гузорише, ки ӯ то 4-уми июни соли 1924 ба унвони КМ РКП(б) навишта, онро ба масъалаҳои муносибати байни миллатҳо ва тақсимоти миллию ҳудудӣ бахшидааст, худро чун муовини Комиссари халқӣ оид ба корҳои миллатҳо муаррифӣ кардааст.

Дар он бахши гузориш, ки «масъалаи тоҷикон» номгузорӣ шудааст, ӯ менависад: «Нақши тоҷикон дар Осиёи Миёна бузург аст, зеро онҳо 2 миллионанд ва ногузир дар ноҳияҳои дастрасиашон камтар (Помир, Мастчоҳ, ҷануби Бухоро ва дигар минтақаҳои сарҳадие ҳастанд, ки барои ҳамаи ҳаракатҳои босмачигӣ чун гузаргоҳ хизмат мекунанд. Миллатгарои ӯзбек нақши тоҷиконро коста нишон медиҳад, чун давлат ба расмият даромадани онҳоро қафо мекашад, ба рушди фарҳангии онҳо монеа мешавад». Ӯ дар идомаи гузоришаш илова намудааст, ки нисфи аҳолии Афғонистон ва қисми зиёди аҳолии мусалмони Ҳиндустон тоҷиконанд ва онҳоро тавонмандона шӯравӣ кунондан даркор, ба онҳо таваҷҷуҳи зиёд намудан лозим ва мухторияти тоҷикон воситаи мубориза бо ҳамлаи афғонӣ-тоҷикӣ бар зидди Осиёи Шӯравӣ мебошад. «Бо дарназардошти ин, ҷумҳурии мухтори Тоҷикистонро аз Ӯзбекистан ҷудо кардан лозим бо гароиш ба он ки дар баробари дигар миллатҳо ба Федератсияи Осиёи Миёна шомил шавад, вақте он ба расмият дарояд»,- менависад Бройдо. Дар бахши хулосаҳо низ Бройдо ин пешниҳоди худро бори дигар мушаххас намудааст. Ин ҳуҷҷат, ки *“Записка заместителя наркома по делам национальностей Г. И. Бройдо в ЦК РКП(б) по вопросу о национально-территориальном размежевании Средней Азии [Ранее 4 июня 1924 г.]”* ном дорад, дар маҷмӯаи “ЦК РКП(б)-ВКП(б) и национальный вопрос. Книга 1. 1918-1933”, ки соли 2005 дар Москва нашр шудааст, омадааст. Ҳамчунин, он шомили китоби зикршудаи муҳаққиқи тоҷик Давлат Назрӣ гардидааст, ки алоқамандон метавонанд ба он руҷуъ намоянд.

### НАТИҶА

... Тавре мебинед, Григорий Исаакович Бройдои яҳудӣ, ки баъдан сарнавишташ ба Тоҷикистон пайваст ва як муддат шахси аввали кишвар буд, пешниҳоди оқилона дар мавриди таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон намудааст. Вале дар идома аз миёни тоҷиконе, ки дар он шабу рӯз тасмимгиранда буданд, касе ба пешниҳоди муҳими ӯ ҳамовоз нашуд. Баръакс, тасмимҳои аҷибу ғариб гирифта, дар ҷаласаҳои Комиссия оид ба тақсимбандии милливу марзӣ ба манфиати бегонагон кор карданд ва ба таъсиси вилояти мухтори тоҷикон дар ҳайати Ӯзбекистон розӣ шуданд.

Вақте ҳайати Комиссия бо хулосаҳои хеш (аз ҷумла таъсиси вилояти мухтори тоҷикон) ба Москва рафтанд, узви Бюрои сиёсии КМ РКП (б) Валериан Владимирович Куйбишев ба ҳуҷҷатҳои Комиссияи тақсимот баъзе иловаҳо даровард. Аз ҷумла, 11-уми октябри соли 1924 бо пешниҳоди ӯ масъалаи ба ҷойи “вилояти мухтор” “Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон” пешниҳод гардид. Бюрои сиёсӣ ин пешниҳодро пазируфт. Яъне дар баробари Г. Бройдо шахси дуюме, ки барои таъсиси Тоҷикистони худмухтор саҳми бузург дорад, В. В. Куйбишев мебошад.

Ҳамин тавр, 27-уми окябри соли 1924 Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон таъсис ёфт. 15-уми марти соли 1925, яъне дар рӯзҳои иди баҳору эҳёи табиат дар шаҳри Душанбе “Эъломия дар бораи ташкил ёфтани Тоҷикистони мухтор” эълон карда шуд...

**О. НОЗИР**

# ТАҶЛИЛИ 30-СОЛАГИИ ҲХДТ ДАР АМОНАТБОНК

**Бахшида ба 30-юмин солгарди таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк”” ҷаласаи тантанавӣ доир гардид.**

Дар ҷаласа Раиси Раёсати бонк ва ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Амонат” Салимзода А.А., муовини раиси раёсат Ризвонзода Ф.З., раиси Шӯрои собиқадорони ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Казакова У.С., собиқ муовини раиси ҲХДТ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Сафаров С.С., инчунин раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи И.Сомонӣ Қурбонзода Убайдулло ва аъзои ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Амонат” аз ҳисоби кормандони бонк ширкат варзиданд.

Салимзода А.А. ҳозиринро ба 30-юмин солгарди рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон табрик намуда, иброз дошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятӣ – сиёсӣ буда, фаъолияташ барои бунёди давлати соҳибхтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва самти иҷтимоӣ дошта равона шудааст.





“Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи даврони соҳибистиқлолии мамлакат буда, дар марҳилаи басо душвор ташкил гардидааст. Нуфуз ва эътибори Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо шарофати сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Раиси муаззами Ҳизб, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор омадааст”,- иброз дошт номбурда.

Қайд гардид, ки дар бонк Ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Амонат” мавҷуд буда, аъзои он бо фаъолияти пурсамари худ, фазилатҳои баланди сиёсӣ, сифатҳои наҷиби ахлоқӣ ва фарҳанги баланди маънавӣ саҳми босазои худро бахри беҳбудии ҷомеа равона карда, ба натиҷаҳои боз ҳам хуби молиявӣ ноил гаштанд ва дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд.

Раиси Шӯрои собиқадорони ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Казакова У.С., собиқ муовини раиси ҲХДТ Сафаров С.С. ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи И.Сомонӣ Қурбонзода Убайдулло бошанд, иброз доштанд, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун неруи бузурги сиёсӣ, созанда, бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеа давоми 30 соли фаъолият барои рушди давлат, мустаҳкамнамоии пояҳои сиёсии он, пешрафти ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум корҳои назаррасе анҷом дод.

“Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо мақсади ифодаи азму иродаи мардуми шарифи Тоҷикистон ташкил шуд ва ҳамчун зодаи замони истиқлол рушд кард. Маҳз хислати мардумсолорӣ, ғояҳои созандаву бунёдгарона ва ватандӯстонаву ватанпарварона ҳизби моро дар миёни ҷомеа ба таври шоиста муаррифӣ кардаанд”, - таъкид доштанд баромадкунандагон.

Дар фарҷом ба аъзои нави ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Амонат” шаҳодатномаҳои ҳизбӣ тақдим карда шуд.









Шаҳзодаи Самарқандӣ:

# МИЛЛАТСОЗӢ БИДУНИ АДАБИЁТИ ҚАВӢ НАМЕШАВАД!



**Нависанда Шаҳзодаи Самарқандӣ нахустин адиби тоҷик аст, ки дар Амрико нишастҳои адабӣ баргузор намуд. Ӯ давоми се ҳафта дар донишгоҳҳои Сиэтл, Ню Ҳейван Вашингтон, Бостон ва Ню Йорк бо хонандагони амрикоӣ суҳбатҳо доир намуд ва романи “Замини модарон”-ашро муаррифӣ кард. Дар бораи ин сафар бо Шаҳзодаи Самарқандӣ суҳбате оростем.**

**- Шаҳзодабону, шумо аз сафари Амрико баргаштед. Дар ин кишвар вохӯриву суҳбатҳои шумо бо хонандагони амрикоӣ баргузор шуданд. Барои хонандаи мо дар бораи ин сафар бигӯед.**

- Румони “Замини модарон” бар асоси хулосаи мунтақидони барчастаи Амрико, ки ба таври пӯшида (аноним) китоберо баррасӣ ва интихоб мекунанд, ба унвони адабиёти муҳим дар мавзӯи пасоистеъморӣ, муҳити зистӣ, феминистӣ ва осебҳои наслии Осиёи Миёна шинохта шуд ва дар интишороти Донишгоҳи Индионо ба чоп расид. Ба ин баҳона се ҳафтаи пурбарномае доштам дар шаҳрҳои Сиэтл, меҳмони нависандаи вежа дар Донишгоҳи Вошингтон будам, дар Ню Ҳейвен меҳмони нависанда дар Донишгоҳи Йел, дар шаҳрҳои Бостон ва Ню Йорк низ бо даъват ва пуштибонии молии донишгоҳҳои номбурда вохӯриҳо баргузор намудем ва ҳамин тавр меҳмони Конвенсиюни Мутахассисони Таҳқиқоти Авруосиё ва Осиёи Миёна дар Бостон будам.

**- Шумо нахустин нависандаи тоҷик ҳастед, ки дар Амрико чунин вохӯриву суҳбатҳо гузаронидед. Шуморо хонандаи амрикоӣ чӣ гуна қабул кард?**

- Дар тамоми ин донишгоҳҳое, ки суханронӣ доштам, ҳамчунин, барномаҳои рӯнамоии румони “Замини Модарон” барпо шуд, ки дар тарҷумаи Шелли Фервезер Вега ба забони инглисӣ чоп шудааст. Мухотаби инглисизабон алоқа ва кунҷковии беназире нисбат ба адабиёти пасошӯравии тоҷик нишон доданд ва беш аз ҳама дониши онҳо аз адабиёти даврони шӯравии тоҷик бароям шигифтангез буд. Далели он ҳам дар он аст, ки дар бахши Авруосиё ва Осиёи Миёнаи донишгоҳҳои муътабари Амрико аз адабиёти Осиёи Миёна тадрис мешавад ва онҳо намунаҳои барчастаи адабиёти муосири тоҷикро ба хубӣ мешинохтанд ва алоқа доштанд бо адабиёти се даҳаи ахири тоҷик бештар ошно шаванд. Алоқа ва кунҷковии онҳо аз рӯйдодҳои истисморгаронаи даврони шӯравӣ ва пасошӯравӣ ба ақвоми Осиёи Миёна қобили таҳсин буд. Ҳарчанд суҳбат дар ин ҷаласаҳо ва ҳам нақдҳои ба забони инглисӣ мунташиршуда дар бораи “Замини Модарон” аз он гуфта мешуд, ки аз адабиёти кунунии тоҷик ва ӯзбек мутаассифона кам матлаб дар даст доранд. Аз ин ки китобро бо алоқа хонда буданд ва нусхаҳои бештаре мехариданд бо имзои нависанда, ки ба унвони ҳадяи солинавӣ ба дӯстону аҳли хонаводаашон бидиҳанд, бароям дилгармкунанда буд. Аз вазъияти сонсур, чопи китоб ва шароити ҳирфаии аҳли адабиёти тоҷик чи дар Тоҷикистон ва чи дар Осиёи Миёна мепурсиданд ва бахусус аз вазъияти тоҷикон дар Ӯзбекистон ва ба вежа дар Самарқанд, ки зодгоҳи ман аст. Бисёре аз касоне, ки дар барномаҳо ҳузур доштанд, ба навъе мутахассис ё сафаркарда ба Осиёи Миёна буданд.

**- Оё амрикоиҳо дар бораи адабиёти тоҷик медонанд ва умуман тоҷику тоҷикистониро мешиносанд?**

- Бале аз адабиёти тоҷик аз исмҳои Садриддин Айнӣ ва Ҷалол Икромӣ чандин бор шунидам ва асарҳои ин ду нависандаро хонда ва шунида буданд. Бахусус дар ин ҷаласаҳо мутарҷимони тахассусӣ низ ҳузур доштанд, ки назари маро дар бораи забони ин асарҳо ва мавқеияти имрӯзии онҳо дар байни тоҷикон мепурсиданд.

Дар бахши Авруосиё ва Осиёи Миёна аз намунаҳои фишурдаи осори даврони шӯравии Тоҷикистон омӯзиш дода мешавад ва ба тозагӣ як маҷмуа аз намунаи адабиёти даврони шӯравии Осиёи Миёна низ ба чоп расида буд. Адабиёте, ки дар мадрасаҳои Осиёи Миёна вориди барномаҳои омузишӣ аст. Аммо дар бахши вижаи пасоистеъмор, ки дар Ғарб як бахши муҳиме аз адабиёти муқовимат дониста мешавад, аз адабиёти тоҷик намунае дар даст надоштанд ва румони “Замини Модарон”-ро тақрибан ҳамаи устодҳои адабиёти ин донишгоҳҳо ба унвони маводи омӯзишӣ ва намунаи адабиёти тоҷик интихоб карданд, ки омӯзиш бидиҳанд ва дунболи намунаҳои бештар ҳастанд. Ба назарам бахши Осиёи Миёнаи ин донишгоҳҳо нисбат ба бахши Авруосиё ҷавонтар аст ва тоза дар ҳоли шакл гирифтан ва таваҷҷуҳи зиёд барои густариши ин бахш ҳаст. Иттиҳодияи Мутарҷимони Амрико низ дар ҳоли тарбияи мутарҷимони ҷавон аст, ки адабиёти Осиёи Миёнаро ба хонандагони инглисизабон муаррифӣ кунанд ва онҳо бо донишгоҳҳо ҳамкории танготанг доранд ва адабиётро бисёр санҷида ва бодиққат барои тарҷума интихоб мекунанд. Чандин нафар аз ин мутарҷимони ҷавон, ки забони форсии тоҷикиро ба хубӣ суҳбат мекарданд, омада буданд ва алоқа ва пурсишҳои худро баён мекарданд.

Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки Кристин Форт мутахассиси адабиёти Осиёи Миёна румони “Замини Модарон”-ро бар асоси ҳафт роҳи тариқати суфизм баррасӣ кард ва онро бар асоси се қаҳрамони асосии румон ва сӣ қаҳрамони дараҷаи дуввум баррасӣ намуд. Ин диде буд, ки ба унвони нависанда ба он огоҳ набудам. Кристен Форт аз мутахассисони аршади адабиёти форсии тоҷикӣ аст, ки бештар аз мо дар фазои фаротар аз адабиёт суҳбат мекунад.

Аммо Самуэл Ҳодҷкинг, профессори Донишгоҳи Йел, ки лутфи зиёд барои «Замини Модарон» коил шуд ва гуфт, ки ин румон болотар аз он чӣ аст, ки мо аз замин ва сӯистифодаи мағзии башарӣ медонем ва онро бо се забон, ҳам тоҷикӣ, матни форсӣ ва ҳам русӣ дар муқоиса қарор дод ва тафовутҳои забониро дар Конвенсиюни Бостон (Boston ASEEES 2024 Convention) ба сахми умум расонд. Ӯ гуфт ин матни нафис ва ин замони нозук дар адабиёти тоҷик бесобиқа будааст ва бояд ҷиддӣ гирифта шавад. Ӯ ишора ба он дошт, ки мо тоҷикҳо ҳанӯз мутарҷими ҳирфаӣ ба забони инглисӣ надорем ва румони «Замини Модарон» аз рӯи тарҷумаи русии он сурат гирифтааст.

**- Ба назари шумо нависандагони тоҷик бояд чӣ гуна нависанд, ки дар Аврупо ва Амрико хонанда пайдо кунанд?**

- Адабиёти асил дастурӣ ё бар асоси қоидаи хосе нест. Барои он ки адабиёте ба ҷаҳони хориҷ роҳ ёбад, аввал бояд дар ҷомеаи худ ҷойгоҳи муҳим пайдо кунад. Забону баёни фардӣ дошта бошад, садои мутафовит ва шикастани марзҳои сонсури давлатӣ ва худсонсуриро рад карда бошад, шикастани тобуҳое, ки адабиётро камранг ва пажмурда мекунад. Ин аз қавонини аввалияи ҷаҳонӣ ва ё фаромиллӣ шудани як асари адабӣ ё ҳунарӣ аст. Аз сӯи дигар тарбияти ноширони ҷавоне, ки адабиёти пасоистиқлоли тоҷикро шакл бидиҳанд, муҳим аст. Барои интихоби садои камёб ва таксири адабиёти муҳим ва эҷоди бозори китоб, ки ҳам бозори китоб гарм бошад ва ҳам нависанда пуштибонии молӣ дошта бошад, мо ҳанӯз кор зиёд дорем, ки анҷом бидиҳем. Мо чунин шабакаи сармоядоронеро ҳанӯз надорем. Шояд дар оянда пайдо бишаванд чунин сармоягузороне, ки дасти нависандагони боистеъдодро бигиранд ва ё ноширеро ба сари кор гузоранд, ки танҳо адабиёти ноб мунташир кунанд ва ҳам ҳақи қалами нависанда пардохт шавад. Вақте нависанда нигарони нони шаби худ аст ва ё ҳатто мизи корӣ ё утоқе барои худ надорад, навиштани кори мондагор мушкил мешавад. Ношуданӣ нест, аммо бо машаққати бисёр ба даст меояд. Муҳим достони гиро ва забони орӣ аз калишаҳои такрорӣ аст ва эҷоди фазои масъалаи аслии достон.

Адабиёти ташвиқӣ ва пропаганда ҳам мондагор нест ва худгузару саргармкунанда аст. Адабиёт ва қалам дар марҳалаи аввал бояд қавӣ бошад ва муҳим нест, ки нависанда зан аст ё мард, балки пеш аз ҳама бояд садои қавӣ дошта бошад ва қомати хами адабиётро бардорад. Коре бошад, ки насли ояндаи тоҷик онро ба даст бигирад ва бигӯяд мо ҳам адабиёти мондагор ва ҳамагир метавонем тавлид кунем. Мо одат дорем бо клосикҳои худ бинозем, дар ҳоле ки садои даруни мардум имрӯз ба бозгӯӣ ниёз дорад ва миллатсозии мо бидуни адабиёти асил корест номумкин.

(Давомаш дар саҳ. 14)



# ДАҲ ҚОИДАИ РОҲБАРӢ

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Якчанд моҳ пеш ман дар Twitter дар бораи яке аз чанбаҳои буҳронӣ, ки ҷаҳони арабро фаро гирифтааст, паём додам. Гуфтам, ки мушкили мо маъмурӣ аст, на сиёсӣ ва мо ба маъмурон бештар ниёз дорем, ки тавонанд камбудиҳои рушди минтақаро бартараф кунанд, назар ба сиёсатмадорон. Ман паёмеро дар Twitter гирифтам, ки чунин навишта буд: «Аълоҳазрат, агар ба шумо лозим бошад, ки даҳ фармони идораи давлатӣ нависед, ки ба мансабдорони ҷаҳони араб нигаронида шудааст, онҳо чӣ гуна мебуданд?».

Фикр кардам, ки ин саволи оличаноб аст, ки маро водор кард биандешам: даҳ қоидаи муҳимтарини идоракунӣ дар ҷаҳони муосири арабӣ кадомҳоянд?

Пеш аз ҳама, ман боварӣ дорам, ки зиндагӣ як роҳи беохири омӯзиш аст. Ҳар қадар ки бештар омӯхта, ҳамон қадар бештар мефаҳмем, ки чӣ қадар кам медонем, одатан аз он чизе, ки тасаввур мекунем, камтар аст.

Пас, агар мо аз омӯзиш даст кашем, мо аз пешрафт дар зиндагӣ даст мекашем. Ман даҳ қоидаи худро барои ҳар касе, ки дар ҳукумати давлатӣ ё маъмурият мақоми расмӣ дорад, дар асоси таҷрибаи хоксоронаи худ ҷамъбаст кардам.




**КИТОБИ МУҲАММАД ИБНИ РАШИД АЛ МАКТУМ - "РӮЗГОРИ МАН", КИ АЗ ЗИНДАГИНОМАИ АМИРИ ДУБАЙ, ПРИНСИПИ ДАВЛАТДОРИИ Ӯ ВА ЧӢ ГУНА ДУБАЙРО БУНЁД КАРДАНАШ НАҚЛ МЕКУНАД, РӮЗҲОИ НАЗДИК ДАР ТАРҶУМАИ ШАРИФ ҲАМДАМПУР ПЕШКАШИ ХОНАНДАГОН МЕГАРДАД.**

## Қоидаи 1:

Ба мардум хизмат кунед. Ҳадафи ҳукумат хидмат ба мардум аст, ҳадафи идораи давлатӣ - хидмат ба ҷомеа ва нақши расмиёт, системаҳо ва қонунҳои давлатӣ - хидмат ба одамон аст. Инро фаромӯш накунед. Расмиётро зиёд накунед, қонунҳоро муқаддас нагиред ва фикр накунед, ки низомҳо нисбат ба одамон муҳимтаранд. Онҳо барои хидмат ба мардум, осон кардани зиндагии онҳо ва бароҳаттар кардани он вуҷуд доранд ва метавонанд дар ҳар лаҳза тағйир дода шаванд. Бисёриҳо инро нодида мегиранд ва боварӣ доранд, ки нақши онҳо дар ҳифзи низомҳои мавҷуда, татбиқи дақиқи қонунҳо ва риояи расмиёт аст. Аммо ин эътиқод сабаби асосии бисёре аз мушкилоти маъмурии мост. Агар қонунгузорон, вазирон, маъмурон, онҳое, ки хидматҳои ҷамъиятиро таҳия мекунанд ва мерасонанд ва ҳамчунин онҳое, ки бучетҳоро тартиб медиҳанд ва лоиҳаҳоро амалӣ мекунанд, ин ҳадафи ниҳоиро аз мадди назар гум намекарданд ва ба принсипи «ба мардум хизмат кунед» пайравӣ мекарданд, афзалиятҳо, нақшаҳо ва қарорҳои онҳо тағйир меёфтанд. Дар ҷаҳони арабии мо як инқилоби маъмурӣ ба амал меомад.

## Қоидаи 2:

Аз худ бут насозед. Кор, вазифа ва ухдадориҳо ҳама муваққатӣ мебошанд. Арзиши ҳақиқии шумо дар кори анҷомдодаатон ва дастовардҳои шумо мебошад. Ҳар қадаре ки сахттар кор кунед, ҳамон қадар бештар ноил мешавед, ҳамон қадар мақоми худро баланд мебардоред. Шумо дар ин ҷаҳон ва баъд аз он мукофот хоҳед гирифт. Агар шумо ин мақомро дӯст доред, шумо ҳеҷ гоҳ ҷуръат намекунед қарорҳое қабул кунед, ки шуморо барои қонеъ кардани орзуҳои шахсии худ бузург мекунанд. Агар шумо ин мақомро дӯст доред, шумо онро дар сархати арзишҳо, принсипҳо ва ҳадафҳои худ мегузоред, ки меҳоҳед тавассути хидмат ба мардум ба он ноил шавед. Бигзор мавқеи шумо аз ҳама камтарин ғамхории шумо бошад ва шумо илҳом ва ангезаи ислоҳоти ташкилотеро, ки дар он кор мекунед, ҷомеа ва кишвари худро хоҳед дошт. Дар бораи некӯаҳволии миллати худ дарозмуддат ғамхорӣ кунед, на дар бораи ҷойгоҳи муваққатии худ.

## Қоидаи 3:

Нақшаи худро тартиб диҳед. Вақте ки шумо нақша надоред, худро ба шикаст омода мекунед. Бисёре аз мансабдорон ба корҳои ҳаррӯзаи худ машғуланд, ки наметавонанд дуртарро бубинанд ва наметавонанд як ҳафта ё моҳро пешакӣ банақшагирӣ кунанд. Ин яке аз мушкилоти асосии маъмурӣ мебошад, ки мо бо он рӯ ба рӯ мешавем. Нақши роҳбари вокей аз он иборат аст, ки бидонад ба кадом самт ҳаракат кунад ва гурӯҳи худро роҳнамоӣ кунад, онҳоро ҳавасманд кунад, ки сахттар идома диҳанд корро, то ба ҳадафи худ бирасанд. Агар шумо натавонед нақша тартиб диҳед, дар ниҳоят амалҳои шумо бефоида хоҳанд буд. Муҳим нест, ки дар охир чизе ба даст овардаед ё не, агар шумо ҳеҷ мақсаде барои расидан ба чизи муҳим нагузоштаед.

## Қоидаи 4:

Худро контрол кунед. Самаранокии ташкилоти худро назорат кунед. Як кормандеро таъин кунед, ки аз дохил назорат мекунад ва инчунин як шахси сеюми мустақилро барои арзёбӣ аз берун таъин кунед. Нишондиҳандаҳои равшани самаранокӣ бояд мавҷуд бошанд, то ҳаракат ба самти дуруст барои расидан ба нақша таъмин карда шавад. Худ ба кишвари худро фиреб надиҳед, бо гузоштани нишондиҳандаҳои заиф ва системаҳои назоратии бесамар. Ба даст овардани ягон лоиҳа бе нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ростқавлона, ки шуморо бо дастаатон мепайвандад, номумкин аст.

## Қоидаи 5:

Дастаи худро созед. Шумо наметавонед танҳо парвоз кунед. Як даст наметавонад каф занад. Дастае созед, ки ҳадафҳои шуморо ба уфуқҳои нав мебарад. Ба аъзои даста ваколат диҳед, онҳоро роҳнамоӣ кунед, таълим диҳед ва ба онҳо ичозат диҳед, ки тавоноии худро амалӣ кунанд. Ба донишмандон кумак кунед ва ба неруи эҷодии ботинии онҳо иҷозат диҳед, ки зоҳир шавад, кормандонро муҳофизат диҳед ва дастовардҳои онҳоро таъкид кунед. Орому осуда шавед ва аз натиҷа лаззат баред, зеро дастаи аъло шуморо ба ҷойгоҳҳои олӣ мебарад, дар ҳоле ки дастаи заифро лозим мешавад, ки ба пушти худ бор кунед, оқибат он парешон шавад.

## Қоидаи 6:

Навоварӣ кунед ё вазифаро тарк намоед. Ҳукуматҳое, ки навоварӣ намекунанд, зуд кӯҳна ва хаста мешаванд, наметавонанд дар рақобат истодагарӣ кунанд. Ғоя (идея)-ҳои нав манбаи илҳом барои навсозии доимӣ мебошанд, ки ба шумо имкон медиҳад рақибонро мағлуб созед, ҳароҷотро коҳиш диҳед ва худро дубора созед. Иқтисодиёти нав ба навоварӣ асос ёфтааст ва ҷаҳон чеҳраи нав бо дидгоҳи тоза меҷӯяд. Ҷустуҷӯи шуълаҳои беназири дастаатон, муштариён ва ҷомеаро қатъ накунед. Ҳеҷ чиз қавитар аз ғояи олӣ нест.

## Қоидаи 7:

Маслиҳат кунед ва хушбин бошед. Ҳамеша бо ҷомеа, ҷамъиятҳо ва воситаҳои ахбори омма муошират кунед. Болои имиҷ ва обрӯи худ кор баред ва ба ҷаҳон дар бораи орзуҳо ва малакаҳои худ нақл кунед. Баъзе ҳукуматҳо бар инанд, ки муошират бо воситаҳои ахбори омма масъалаи дуюмдараҷа аст ва ҳатто баъзан онҳоро монеа мешуморанд. Ман ба шумо мегӯям, ки ВАО муҳим ва зарур аст. Ба воситаи ВАО шумо тасвири худро месозед, шаффофияти ҳукумати худро таъмин мекунед ва мардум медонанд, ки ҳукумати шумо ба кадом самт ҳаракат мекунад. Тавассути воситаҳои ахбори омма шумо метавонед дастгирии мардумро ба даст оред, зеро онҳо медонанд, ки шумо онҳоро ба кучо бурданӣ ҳастед. Онҳо шуморо мебахшанд, агар шумо хато кунед, зеро онҳо ба дидани шумо дар хидмат одат кардаанд. Ҳадафҳои худро дар ВАО эълон кунед ва онҳо шуморо дӯст медоранд ва ин низ ба манфиати шумо хоҳад буд, зеро шумо барои расидан ба ҳадафҳои худ, ки эълон кардед, талош хоҳед кард. Ҳамеша муошират кунед, ҳеҷ гоҳ аз ВАО пинҳон нашавед. ВАО-ро дӯсти худ донед, на душманони худ - онҳо дӯстони ғолиби ростқавл ва душманони фасодзадагон, маккорон ва танбалон мебошанд.

## Қоидаи 8:

Рақобат кунед. Рақобат хусусияти ҷудонопазири рафтори инсонӣ мебошад. Бо худ ва дигарон рақобат кунед. Ширкатҳо вақте муваффақ мешаванд, ки онҳо дар муҳити озод рақобат мекунанд. Ба ҷойгоҳи аввал дар сатҳи маҳаллӣ ва байналмилалӣ кӯшиш кунед. Боварӣ ҳосил кунед, ки муҳити кории шумо рақобатпазир аст. Бо гузаштаатон рақобат кунед, то ояндаи беҳтаре созед. Бо ҳадафҳои худ рақобат кунед, то ба ҳадафҳои ҷолибтар бирасед. Рақобат тарзи ҳаёт дар ҳукумат аст, ки бе он ҳавасмандӣ коҳиш меёбад, шӯру шавқ кам мешавад ва оташи ирода хомӯш мегардад.

## Қоидаи 9:

Роҳбар (лидер) созед. Вақте ки шумо роҳбар месозед, ояндаро месозед. Роҳбари воқеӣ касест, ки роҳбарони дигарро месозад, ташкилоти воқеӣ - ин он аст, ки шароитро барои таваллуди роҳбарон фароҳам меорад. Таъмини натиҷаҳои беҳтарин барои ташкилот дар қобилияти эҷод кардани роҳбарон аст, ки метавонанд уфуқҳоро васеъ кунанд, беш аз пеш неру оранд ва қорғоҳҳоро ба қуллаи баланд бардоранд. Эҷоди роҳбарон - ин як сирре аст, ки танҳо ба онҳое дода мешавад, ки эгои худро бартараф кардаанд ва мефаҳманд, ки бузургтарин дастоварди онҳо эҷоди одамон аст, на биноҳо.

## Қоидаи 10:

Пеш равед ва зиндагии маънодор дошта бошед. Онҳое, ки дар ҳукумат кор мекунанд, баракат доранд. Кори мо ғайриоддӣ аст ва ин зеботарин ҷанбаи ҳаёти мост. Ин худи ҳаёти мост. Кори мо маъно дорад, он ба мо имкон медиҳад, ки зиндагии миллионҳо одамонро беҳтар кунем. Ҳеҷ гоҳ нақши худро, кори худро ё саъйҳои худро нодида нагиред, зеро шумо ба ташаккули ҳаёт, банақшагирии оянда ва сохтани миллатҳо машғулед.

Худованд ба ман ва ба шумо қувват диҳад, ки ба кишвар ва мардуми он хизмат кунем.

Ин танҳо оғоз аст.

**Муҳаммад ибни Рашид Ал Мактум**







# УФУҚҲОИ НАВ БАРОИ ЖУРНАЛИСТОН

## Қайдҳо аз сафари Маскав

**Ҳамасола Медиахолдинги “Оила” журналистонро ба семинарҳову тренингҳо барои такмили донишу маҳорат равон мекунад. Имсол яке аз ин журналистон ман будам, ки ба омӯзиши дуҳафтаина ба Маскав сафар карда, дар семинари Агентии иттилоотии «ТАСС» ширкат намудам ва бо донишҳои нав ва таассуроти хуб баргаштам.**





### “ДЕВОЧКА С ПРИКЛЮЧЕНИЕМ”

Албатта, бори аввал нест, ки ба шаҳри Маскав сафар мекунам, аммо ин навбат ҳама чиз ба гунаи нав бароям пеш омад.

Тавре ташкилкунандаи чорабинӣ Татяна Ефремова доимо бароям мегуфт, “девочка с приключением” (духтараки бо саргузашт).

Аз ин ҷост, ки бо ӯ хеле дӯстии наздик ҳам пайдо кардам.

Дар фурудгоҳ чанд моҳи охир муҳоҷирони Осиёи Марказӣ, бахусус ӯзбеку тоҷикро мавриди тафтиши тӯлонӣ қарор медиҳанд, ки ин албатта хеле ташвишовар аст. (Дар ин бора хабарнигори “Тоҷикистон” Усмон Раҳимзода низ мушоҳидаҳояшро аз сафараш ба Маскав чанд ҳафта пеш навишта буд,- ред.). Новобаста аз он, ки ман ҳуҷҷати журналистӣ ва даъватнома ба семинар ҳам доштам, кормандони шуъбаи қабули муҳоҷирон онро ба назар нагирифтанд ва маро ба қатори дигар муҳоҷироне фиристоданд, ки қариб 10-12 соат интизорӣ мекашанд. Масъулини фурудгоҳи Жуковский бо ҳар баҳонаи кӯчак мардумро нигоҳ медоштанду баъд аз соатҳои тӯлонӣ раҳо мекарданд. Бо чанд ҳамватанамон ҳамсуҳбат шудам, ки аҳволи хеле бад доштанд ва ҳатто аз ноумедӣ дар рӯи фарш хоб буданд. Ин мавзуъ хеле аломовар ва мубрам аст...

Ман ба вохӯрии аввали ҳамкасбон дер мекардам, аз ин лиҳоз интизор нашуда, ба Татяна занг задам ва хостам мушкили маро ҳал кунад, чун кормандони фурудгоҳ ба гапи касе гӯш намедоданд. Ӯ дар аввал гуфт, ки каме интизор шавам, шояд раҳо мекунанд, вале ман гуфтам, ки агар ягон аксуламал нишон надиҳед, онҳо маро намегузаронанд, чун вазъ инҷо хеле бад аст. Баъд аз чанд лаҳза марде бо шиносномаам омада, исмамро ном бурду маро ба қабулгоҳ бурд ва билохира гузаштам. Албатта мехостам, ки дигаронро низ раҳо кунанд, аммо ин ғайриимкон буд. Аз ҳамин ҷо Татяна бароям “девочка с приключением” мегуфт, вале намедонист, ки ин “рӯзгори ҳар як муҳоҷири тоҷик аст”.

### ДУ ҲАФТАВУ ОЛАМИ МАЪНӢ...

Дар охири соли 2024 ман шарафи иштирок дар семинареро доштам, ки аз ҷониби Агентии иттилоотии “ТАСС” дар доираи барномаи Ассотсиатсияи умумиҷаҳонии матбуоти рус ташкил шуда буд. Ин чорабинӣ аз 1 то 13-уми декабр баргузор шуд ва 18 иштирокчиро аз кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Арманистон ва Беларус, инчунин 35 нафарро, ки дар формати онлайн таҳсил мекарданд, ҷамъ овард.

Мавзӯи асосии семинар "Таҳрири универсалӣ (конвергентӣ): забон, платформаҳо ва форматҳо" буд. Мо имконият доштем, ки аз устодони ботаҷриба аз донишгоҳҳо ва коршиносони агентиҳои гуногуни иттилоотӣ ва нашриёҳо маълумотҳои навро омӯзем. Баръакси семинарҳои қаблӣ, ки ба сохтани сайтҳо ва каналҳои телеграмма тамаркуз мекарданд, дар ин чорабинӣ мо ба таблиғи маҳсулоти иттилоотӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сайтҳо бо истифода аз зеҳни сунъӣ, подкастҳои аудио ва видео ва инфографика тамаркуз кардем.

Дарсҳо оид ба амалияи забон, саводнокии ВАО ва дигар ҷанбаҳои муҳими журналистикаи муосир қисми ҷудонашавандаи омӯзиши мо гардиданд. Ҳар рӯз дониш ва ғояҳои нав меовард, ки бешубҳа ба мо дар фаъолияти касбиамон кумак хоҳанд кард.

Ба ақидаи иштирокчиён, ин семинар имконияти хубест барои рушд ва беҳтар кардани сифати пешниҳоди иттилоот. Ман боварӣ дорам, ки дониши бадастомада ба ман дар тавлиди ғояҳои нав ва татбиқи онҳо дар соҳаи журналистика ва мусоидат ба рушди ВАО дар фаъолиятам кумак хоҳад кард.

Иштирок дар ин семинар як қадами муҳим дар фаъолиятам мебошад ва ман аз ташкилкунандагон барои имконият миннатдорам.

### МАСКАВ - ШАҲРИ “СОЛИ НАВ”

Баъд аз дарс мо бо гурӯхе аз ҳамкасбон ба тамошои шаби зебои Маскав мебаромадем. Маҳз ороиши афсонавии солинавиашон диққати маро ба худ ҷалб мекард. Вале расман дар рӯзи ҳаштуми семинар моро ба тамошои Майдони Сурх ва осорхонаи таърихӣ бурданд.

Майдони Сурх - ин дили Маскав ва яке аз ҷойҳои машҳури Русия аст. Он бо биноҳо ва ёдгориҳои муҳими таърихӣ иҳота шуда, маркази муҳими фарҳангӣ ва сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Роҳнамо бароям оид ба саҳнаи доирашакле, ки дар канори майдон ва наздикии калисо буд, нақл кард, ки ин майдон маркази маълумотҳо буд ва ҳамаи хабарҳои муҳими давлатӣ аз ҳамин минбар ба халқ расонида мешуданд. Бисёр маълумотҳои ҷолиби дигарро шунидем, ки воқеан дар китобҳо нахонда будам.

Калисои “Василий Блаженный” рамзи дурахшони Маскав мебошад. Он бо гунбазҳои беназири худ дар шакли шамъҳо маъруф аст. Дар асри XVI ин маъбад ба ифтихори ғалаба бар хонигарии Қазон сохта шудааст. Интерерҳои дохилии он бо зебоӣ ва гуногунии худ, инчунин бо иконаҳои беназир бинандаро ба ҳайрат меоваранд. Гарчанде калисо аз ду ошёна иборат аст, вале ба назар хеле баланд менамояд. Маҳз нақшҳои ғайриоддии дохилӣ ва беруниаш онро машҳури ҷаҳон кардаанд.

Осорхонаи давлатии таърихӣ дар тарафи шимолии Майдони Сурх ҷойгир аст. Ин яке аз бузургтарин осорхонаҳои Русия аст, ки дар он экспонатҳое ҷамъ оварда шудаанд, ки таърихи кишварро аз замонҳои қадим то имрӯз инъикос мекунанд.

Рӯзи дигар экскурсия ба медиахолдинги "Комсомольская правда" доштем. Ин экскурсия имконияти беназиреро фароҳам овард, ки дар бораи кори яке аз маъруфтарин ВАО-и Русия маълумот гирем. Мо ба редаксия ташриф овардем. Ба мо дар бораи раванди эҷоди хабарҳо, хусусиятҳои журналистика ва технологияҳои муосири ВАО маълумот доданд. Барои мо конфронси матбуотии кутоҳ дар доираи мизи мудаввар ташкил намуданд ва тавонистем саволҳои муҳимеро, ки бароямон нофаҳмо буд, пешниҳод намоему аз рӯзноманигорони ботаҷриба маслиҳатҳои пурарзиш гирифтем.

### МЕДИАХОЛДИНГИ “ОИЛА” ВА РУШДИ ЖУРНАЛИСТИКАИ КАСБӢ

Дар баробари ташаккули зеҳни сунъӣ журналистикаи муосир низ самтҳои фаъолияти худро васеъ мекунад ва ба ҳамин мақсад журналистони касбӣ малакаҳои зеҳниашонро вусъат медиҳанд, то маълумотҳоро ба таври нав ба хонандаву бинанда пешкаш намоянд.

Имрӯз, ки технология дар суръати баланди гардиш қарор дорад, журналистон низ ҳамеша бояд дар пайи ҷустуҷӯи воситаҳои нави пешниҳоди маълумот бошанд. Медиахолдинги “Оила” низ ин имкониятро барои журналистонаш фароҳам меорад, то онҳо тавонанд ҳамқадами навгониҳои олами журналистика бошанд.

Умед ва ният дорем, ки баъд аз чунин семинарҳои муфид навовариҳои моро дар сомонаи Pressa.tj ва саҳифаҳои мо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бештар хоҳед дид.

**Дило ДОРОБШОЕВА,**
**Душанбе - Москва - Душанбе**

# АЛӢ ИСМОИЛЗОДА

## - дар саргаҳи матбуот ва худшиносии миллии тоҷик

**Вақте мо матбуоти солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX-ро варақ мезанем, бо номи Алӣ Исмоилзода дучор меоем. Навиштаҳои ӯ асосан ба масъалаи тоҷикон бахшида шуда, ӯро яке аз муборизони ҳуқуқи тоҷикон дар муқобили пантуркистон мебинем. Вале мутаассифона, солҳои охир номи ин шахсияти фарзона ба фаромӯшӣ рафтааст...**

### ФАРЗАНДИ МУҲОҶИРИ ЭРОНӢ

Дар бораи Алӣ Исмоилзода хеле кам навиштаанд. Зиндагиномаи ӯро рӯзномаи “Овози тоҷик” 3-юми апрели соли 1924 таҳти унвони “Тарҷумаи ҳоли рафиқ Исмоилзода” бо аксаш нашр намудааст. Муаллифони “Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941” (зери назари З. Ш. Раҷабов, Д. 1966), муаррих И. Келдиев дар китоби “Нашр ва паҳншавии асарҳои классикони марксизм - ленинизм дар Тоҷикистон” (Д., 1972), муаллифони “Краткая энциклопедия журналистики Таджикистана” (Д., 2020) дар бораи Алӣ Исмоилзода маълумоти мухтасар додаанд. Муҳаққиқони матбуоти тоҷик профессор Мурод Муродӣ дар китоби “Публитсистикаи тоҷик” (Д., 2021) ва профессор Масрур Абдуллозода дар мақолаи “Нақш ва ҷойгоҳи Маъруф Расулӣ ва Алӣ Исмоилзода дар таърихи журналистикаи тоҷик” (2021) дар мавриди рӯзгор ва осори ин шахсияти соҳибқалам ва собитқадам маълумоти арзишманд додаанд.



*Алӣ Исмоилзода бо равшанфикрони замон*

Тибқи ин манобеъ Алӣ Исмоилзода 10-уми марти соли 1903 дар Қрим дар хонаводаи муҳоҷири эронӣ ба дунё омадааст. Падараш пас аз нокомии инқилоби Эрон (1905) ба Россия паноҳ мебарад ва аз он ҷо ба Самарқанд меояд.

Баробари муқими Самарқанд гардидан Алӣ Исмоилзода хонандаи мактаби усули нави Абдуқодир Шакурӣ мешавад. Соли 1915 таҳсилро ба анҷом расонида, дар ҳамин мактаб ба кори муаллимӣ мепардозад. Пас аз ду моҳ барои омӯхтани забони русӣ ба «Русская туземная школа» дохил шуда, то соли 1917 дар он ҷо таҳсил мекунад. Соли 1917 аз сабаби тангии рӯзгор хонаводаи онҳо ба Андиҷон мекӯчад. Падараш дар он ҷо нонвойхона боз мекунад ва Алӣ ёрдамчии падараш мешавад. Вале бо вуҷуди ин, таҳсилашро дар мактаби шабона идома медиҳад.

### ДАР САФИ ҲИЗБ

Дар Фарғона Алӣ Исмоилзода бо русҳо ошноии наздик пайдо мекунад ва ба ақидаҳои инқилобии онҳо марок пайдо намуда, соли 1919 ба Фирқаи иштирокиюни Россия ҳамроҳ мешавад. Дар мактаби сиёсии тарғибот ва ташвиқоти Фирқа таҳсил карда, ба Фарғона ҳамчун маъмур ба кор фиристонида мешавад. Баъдан, дар вилояти Мовароуннаҳр ва Тошканд дар вазифаҳои масъул фаъолияташро идома медиҳад.

Чун Алӣ Исмоилзода истеъдоди наттоқӣ дошт, ба поезди тарғиботии кумитаи марказии Россия - «Красный Восток» ҷалб ва чанд моҳ ба фаъолияти тарғиботӣ машғул мешавад. Соли 1919 Алӣ Исмоилзода ба вазифаи ноиби Раиси кумитаи фирқаи иштирокиюни Эрон “Адолат» (ҳизб соли 1916 дар Боку аз ҳисоби гурезаҳои сиёсии Эрон таъсис ёфтааст) интихоб мешавад ва ба Боку меравад. Соли 1920 Алӣ Исмоилзода ба Эрон фиристода мешавад, то дар Инқилоби Гелон бо сарварии Мирзо Кучакхон ёрмандӣ кунад. Вале инқилоб дар Гелон шикаст мехӯрад ва Алӣ Исмоилзода ба Тошканд бармегардад.

Пас аз баргаштан дар идораи адлияи вилояти Туркистон фаъолияташро идома медиҳад. Баъд аз 5 моҳ муҳаррири рӯзномаи «Ҷавонони Шарқ» интихоб мешавад ва ҳамчунин дар Дорулмуаллимини иштирокиюни Осиёи Вусто ба гурӯҳи туркманҳо дарс мегӯяд.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**



# НОМАИ САРБОЗ БА МОДАР

**Салом модари меҳрубонам!**

Номаи писари сарбозатонро, ки бо бедорхобии шабона барои шумо навишта истодааст, қабул намоед. Бо умеди он, ки аз нома ба нома ва бо дуои шумо вориди дунёи эҷод гардам. Дунёи эҷоде, ки пайваст аст ба қудрати Офаридагор. Яъне Офаридан, ин қудрати Худованд аст, ки ба бандагонаш арзонӣ доштааст. Махсусан ба эҷодкору модар.

Заҳмати роҳи эҷод, мисли дар биёбон бо сӯзан чоҳ канданро мемонад, ки эҷодкор бо бедорхобӣ барои мардуми кишвараш рӯйи авроқи сафед атри маънавиётро рангпошӣ менамояд. То бо воситаи нигоштаҳои худ гузаштаро бо имрӯз пайваст намуда, таърих, фарҳанг, забон, урфу одат, ҷашнҳои миллиро барои ҳамеша зинда нигоҳ дорад...

Вале аз эҷодкор дида Модар офарандаи бузургтар аст. Худованд нахуст ба модар қудрати офариданро ҳадя намудааст. Офарандае чун эҷодкорро Модар меофарад. Аз ин рӯ месазад, ки мо ҳамеша васфу ситоиши модар намоем.

Медонед модарҷон: фикр мекунам то имрӯз ҳеҷ кас заҳмату душвориҳоеро, ки барои ба дунё овардану калон кардани тифл мекашед, пурра ба қалам надодааст ва ба қалам доданаш низ аз имкон берун мебошад. Заҳмату машаққати бедорхобиро сари гаҳвораи фарзанд танҳо модар медонаду халос. Аз ин ҷост, ки шоир гуфтааст:

*Якшаба он ранҷ,*
*ки модар кашид,*
*Бо ду ҷаҳонаш натавон*
*баркашид.*

Ин андешаҳо ин шабу рӯзҳо, ки дар хизмати Ватан - Модар ҳастам, дар сарам чарх мезананд. Модарҷон, фариштаи заминии ман, Шоҳҷоизаи ҳаётам, дӯстатон медорам. Ба хизмати ҳарбӣ омадани ман ба хотири он аст, ки шуморо муҳофизат намоям. Имрӯз дар баробари ман боз ҳазорон нафари дигар китф ба китфи ҳам мардонавор хизмати Модар - Ватанро карда истодаанд. Ҳар яки онҳо ҷавонмардони асил, шермардони далеру ғаюр, худогоҳу хештаншинос ва пайравони асили Пешвои миллат - Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат бо такя ба неруи созандаи ҷавонон ва муҳофизони асили марзу буми кишвар дар яке аз баромадҳояшон қайд карда буданд, ки “Бехатарии давлат аз сарҳад вобастагӣ дорад”.



Зеро:

- *Қадамзании сарҳадбон дар сарҳад ба хотири он аст, ки модарон дар сари гаҳвораи фарзанд аллаи садоқату ватандорӣ гӯянд.*

- *Қадамзании сарҳадбон дар сарҳад ба хотири он аст, ки хандаҳои модарон дар назди тифлакон самимӣ бошад.*

- *Қадамзании сарҳадбон дар сарҳад ба хотири он аст, ки пиру ҷавон худро осуда эҳсос намоянд.*

- *Қадамзании сарҳадбон дар сарҳад ба хотири он аст, ки кишвар амну орому осуда бошад.*

- *Қадамзании сарҳадбон дар сарҳад ба хотири он аст, ки ҳар хатари ба вуқуъ омадаро бо сипар намудани синаи худ бартараф намояд.*

- *Қадамзании сарҳадбон дар сарҳад ба хотири имрӯзу оянда аст.*

**Бале! Бале, ба хотири имрӯзу оянда!**

Ҳамин аст рисолати писари сарҳадбони шумо, Модарҷон. Ӯ барои на танҳо модари худ, балки ба хотири ҳамаи модарони кишвар сина сипар менамояд. Ин ҷо дубайтии Лоиқ Шералӣ ба хотирам омад, ки бисёр бамавқеъ аст ёдовар шуданаш:

*Туӣ пирам,*
*туӣ тадбири пирам,*
*Дуоям кун, дуоятро*
*бигирам.*
*Намемирӣ ту,*
*эй модар, агар ман*
*Барои модари миллат*
*бимирам.*

Модарҷони азиз, бо ҳамин номаи худро ба итмом мерасонам. Ба модароне, ки фарзандонашон дар хизмати Модар - Ватан ҳастанд, гуфтанӣ ҳастам, ки барои онҳо хавотир нашаванд, балки ифтихор кунанд. Аз ҷумла шумо, модарҷони азизи ман.

**Дӯстатон медорам.**

**Бо як ҷаҳон садоқат писаратон Раҳимҷон, сарбози Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ҶТ**

# БЕМОРИҲОИ ЧАШМ

## Чаро он дар байни кӯдакон меафзояд?

**Мувофиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ҳоло дар ҷаҳон тақрибан 2 миллиард ҳолати осебпазирии биноӣ ё нобиноӣ ба қайд гирифта шудааст. Беш аз 1 миллиарди онҳо ба далели пешгирӣ ва табобат накардани бемориҳои чашм ба амал омадаанд. Ин нишондиҳанда, яъне гирифторӣ ба бемориҳои чашм дар мамлакати мо низ хушҳолкунанда нест.**

**Саволе ба миён меояд: чӣ омилҳо боиси бемориҳои чашм, бахусус хирашавии узви босира дар байни бачагон мегарданд? Чӣ тавр бемориҳои чашмро пешгирӣ кардан мумкин аст?**



- Вақтҳои охир теъдоди бештари одамон аз бемориҳои чашм, аз ҷумла касалиҳои пардаи чашм, хуншории дохили чашм, наздикбинӣ, дурбинӣ, дурбинии синнусолӣ, бемориҳои илтиҳоби чашм, хирашавии чашм шикоят мекунанд,- мегӯянд мутахассисон.

Мутаассифона, дар байни онхое, ки аз хирашавии узвҳои босира шикоят мекунанд, ҷавонону кӯдакон зиёданд. Мувофиқи омор ва таҳлилҳо, солҳои охир дар миёни кӯдакону наврасон бемориҳои камбинӣ, миопия ва гиперопия бештар мушоҳида мегардад. Албатта, ин бо як қатор омилҳо вобаста мебошад. Яке аз омилҳо, ки боиси бемориҳои чашм дар кӯдакон мешавад, давраи ҳомилагии модар аст. Дар ин давра модар бе тавсияи табиб дору истеъмол мекунад ва ин боиси заифшавии узвҳои босираи кӯдак мегардад. Дар се моҳи аввали ҳомилагӣ модар набояд доруҳоро бидуни тавсияи духтур истеъмол намояд. Инчунин, никоҳи хешутаборӣ низ сабаби гирифторӣ ба бемориҳои чашм мешавад. Омили дигаре, ки боиси заъфи биноӣ мегардад, истифодаи аз меъёр зиёди телефонҳои мобилӣ, компутер, технологияҳои иттилоотӣ ва тамошои телевизор мебошад. Набояд фаромӯш кард, ки зиёда аз се соат истифода бурдани телефони мобилӣ дар як рӯз, тамошои беист ва нодурусти телевизор ба қобилияти визуалии бачагон таъсири манфӣ мерасонад.

Бино ба натиҷаи таҳқиқоти олимони аврупоӣ дар давоми рӯз зиёда аз се соат истифода намудани компютер на танҳо ба паст шудани биноӣ, балки ба хасташавии организм, вайрон шудани кори системаи асаб, номуътадил гардидани гардиши хун, бад шудани нафаскашӣ, дарди сар ва таъсири равонӣ оварда мерасонад.

Мутахассисон барои солим нигоҳ доштани чашм чунин тавсияҳо медиҳанд:

- машқҳои варзишӣ, ки ин сустшавии қувваи чашмро пешгирӣ мекунад;

- ғизои солим. Норасоии витаминҳои А ва Е дар организм низ сабаби камшавии нури чашм мегардад. Истеъмоли бештари меваҳое, ки ранги зард доранд, маҳсулоти лӯбиёгӣ, гӯшт, равғани моҳӣ, сабзавот ва дигар хӯрокҳое, ки аз шир тайёр карда мешаванд, барои чилавгирии чунин бемориҳо мусоидат мекунанд;

- одамоне, ки дар назди компутер зиёд кор мекунанд, бояд речаи корро риоя намоянд. Дар як сол як маротиба аз назорати духтури чашм гузаранд. Инчунин, ҳангоми кор истифодаи айнакҳои махсус мувофиқи мақсад мебошад.

**Дар доираи мавзуъ:**

Омилҳои асосие, ки ба биноии чашм ҳангоми истифодаи смартфон таъсир мерасонанд:

**Масофаи наздик ба чашм.** Экрани смартфон одатан дар масофаи тақрибан 10-20 см аз чашм ҷойгир аст. Ин масофа назар ба масофае, ки мо ба объектҳои дур нигоҳ мекунем, хеле наздиктар аст. Дар чунин масофаи наздик мушакҳои чашм маҷбур мешаванд, ки доимо ба тасвир диққат диҳанд. Ин метавонад ба рушди миопия, астигматизм ва дигар нуқсонҳои визуалӣ расонад.

**Нурпошиҳои кабуд.** Экрани смартфонҳо нури кабуд мебарорад, ки ин ба рушди дегенератсияи макулярӣ мусоидат мекунад ва ин яке аз сабабҳои асосии аз даст додани биноӣ дар пиронсолӣ мебошад.

**Кам будани равшанӣ.** Мо аксар вақт смартфонҳоро дар торикӣ ё дар утоқҳои равшаниашон паст истифода мебарем. Ин метавонад боиси хастагии чашм, хушкӣ ва ҳатто дарди сар гардад.

Барои кам кардани таъсири манфии смартфон ба чашм, мо бояд чунин қоидаҳоро риоя кунем:

*- дар як вақт ба экрани смартфони худ зиёда аз 20 дақиқа нигоҳ накунед;*

*- ҳар 20 дақиқа танаффус намоед, то чашмонатон истироҳат кунанд;*

*- смартфони худро аз чашмонатон на камтар аз 20-30 см дур нигоҳ доред;*

*- хусусияти филтркунии нури кабудро истифода баред (агар смартфони шумо он функсияро дошта бошад).*



## ХОБ - КАФИЛИ САЛОМАТӢ

Хоб кафили саломатии хуб аст. Агар хоб вайрон шавад, дар саломатӣ мушкилот сар мезананд. Диетологҳои олмонӣ муайян кардаанд, ки дар баробари речаи харрӯза, ғизои мо ба сифати хобамон низ таъсир мерасонад.

Камхобӣ масуниятро заиф месозад ва диққатнокиро коҳиш медиҳад. Баъзе одамони камхоб бештар хӯрок мехӯранд ва вазн мегиранд - ин аз норасоии энергия аст.

Бар асари бехобӣ инсон метавонад гирифтори фишорбаландӣ ва бемории диабети қанд шавад. Ҳамзамон бехобӣ хатари пайдоиши бемории алсгеймер ва деменсияро зиёд мекунад.

*Ин хӯрокҳо боиси бехобӣ мешаванд:*

- Нӯшидани қаҳва баъди нисфирӯзӣ сабабгори бехобӣ мегардад.

- Шоколад хӯрдании лазиз бошад ҳам, какаои таркиби он дорои модаи теобромин буда, хобро халалдор месозад.

- Истеъмоли хӯриш ва сабзавоти хом пеш аз хоб низ боиси бехобӣ мегардад, зеро дар меъда ҳазм нашуда, дамиши шикамро ба вуҷуд меорад.

- Хӯроки қаланфурдор низ бо сабаби модаи капсаитсин доштанаш ҳарорати баданро баланд намуда, сабабгори бехобӣ мегардад.

- Сирпиёз (чеснок) низ боиси дамиши шикам ва ташна шудан гашта, хобро вайрон мекунад.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ҳафта барои зодагони мучали ҳамал бобарор меояд. Имкони зиёд намудани даромади пулӣ пайдо мешавад. Барои сафарҳо пул харочот накунед, зеро фоидаашро намебинед. Вохӯриҳои чолиб зиёд мешаванд, нафарони мучаррад бахти худро пайдо карда метавонанд.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Дар ин ҳафта бояд ҷасорат ва истодагарии худро нишон дода тавонед. Ҳафта пур аз имкониятҳои дилфиреб аст. Агар ба ғалат роҳ додан нахоҳед, нуктаи назари наздиконро низ ба эътибор гиред.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Ҳафта барои ошиқони мучали ҷавзо душвор меояд. Зодагони бурҷи мазкур эҳсос мекунанд, ки бо ҷуфти худ забон ёфтанашон кори душвор аст ва ҳар лаҳза метавонанд бо ҳам мунокиша намоянд. Вазъиятро пайдо шудани рақиб шадидтар месозад.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Зодагони мучали саратон дар вазъиятҳои мушкил худро гум накарда, атрофиёнро бо ҷасорату кордонӣ қоил месозанд. Нисбати наздикону атрофиён ширинзабонӣ кардан боиси рангин гаштани ҳаётатон мегардад. Миёнаи ҳафта ёрдамчиёни хуб пайдо мекунед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Шуморо ҳафтаи хеле хуб интизор аст, ҳар коре мехоҳед, анҷом додан гиред. Мушкиле нест, ки дар ин ҳафта бароятон осон нашавад, ба мақсаду мароми худ ноил мегардед. Ҷасурона ба пеш раведу ба бахти худ бовар кунед. Шумо арзандаи тамоми хушбахтиҳо ҳастед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Муносибатҳои ошиқонаи шумо дар ин ҳафта мавриди санҷиш қарор мегиранд. На вазъияти номуносиб ва на бадкирдориҳои рақибон ба шумо зарар намерасонад, балки худатон бо амалу кирдори нодуруст ба ғалат роҳ медиҳед. Бо дӯстдоштаи худ наздиктар бошед.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Ҳафта бароятон ҳодисаҳои ногаҳонӣ ҳадя мекунад. Вохӯрӣ бо нафаре, ки замоне дӯсташ медоштед, тақдирсоз хоҳад буд. Гузаштаро ба ёд оварда, муносибати худро ба рӯзгори имрӯзаи худ тағйир медиҳед. Нафарони фарзанддор бо мушкилоти фарзандон саргардон мешаванд.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Дар масъалаҳои зиёде гузашт карда, ба дили атрофиён роҳ меёбеду боварии нафарони даркориро ба даст меоред. Ягона ғалате, ки дар ин ҳафта ба он роҳ медиҳед, ин кӯшиши дар танҳоӣ рафъ намудани мушкилиҳои ба саратон омада мебошад.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Зодагони мучали қавс дар давоми ҳафта ба мунокишаву гуфтори кабеҳ роҳ дода, дағалрафторӣ мекунанд. Бо вуҷуди ин, шуморо қадр мекунанду дӯст медоранд ва эрка мекунанд. Дар маркази диққат қарор гирифта, хушгӯиҳои зиёде мешунавед, туҳфаҳои дилкаш қабул мекунед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Оғози ҳафта хуб аст, вале мушкилоти молиявӣ онро душвор месозад. Мутаассифона, душманони шумо бегона не, хешовандони худатон ҳастанд. Муҳаббатро ба касбу кор омехта насозед, вагарна зуд-зуд дучори мочаро мегардед. Сар задани мунокишаи пурғавғо дар назар аст.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Дилатон ишқу муҳаббати тоза мехоҳад, вале шитоб накунед. Ба осонӣ ошиқ шуданатон имконпазир аст, вале оқибати амалҳои худро андеша намоед. Кореро, ки аз уҳдааш намебароед, ваъда надиҳед, вагарна дар ҳолати ногувор қарор мегиред.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Зодагони мучали ҳут хеле хуб вақт мегузаронанд, шуморо чашну хурсандиҳои зиёд интизор аст. Дар давоми ҳафта гули сари сабади дилхоҳ ҷамъият гардида, робитаҳои нав пайдо мекунед. Ягона чизе, ки боиси руҳафтодагӣ мегардад, ин зуд-зуд хаста шудани шумо аст.

# АЛӢ ИСМОИЛЗОДА

## - дар саргаҳи матбуот ва худшиносии миллии тоҷик

**(Аввалаш дар саҳ. 11)**

Соли 1923 фирқаи марказии Самарқанд ӯро ба рӯзномаи «Зарафшон» муҳаррир таъйин мекунад. Баъди як солу ҳашт моҳ вай муҳаррири рӯзномаи «Туркистон» таъйин мешавад.

Аввали соли 1925 аз тарафи кумитаи фирқаи марказӣ ба ҷумҳурияти шӯроии мухтори Тоҷикистон маъмур ва аз ҷониби Тоҷикистон муовини назорати адлия таъйин мегардад, ки чанд сол дар ин вазифа низ босамар кор мекунад.

### ТАЪСИСИ “ОВОЗИ ТОҶИК”

Алӣ Исмоилзода дар таъсиси рӯзномаи “Овози тоҷик” низ нақш гузоштааст. Ӯ шароити таъсиси ин рӯзномаро дар мақолааш “Якчанд сатр аз дафтари ёддоштҳои худ” *(маҷмӯаи нашриёти “Ҳақиқати Ӯзбекистон”, Самарқанд, 1932, саҳ. 69-73)* чунин ба қалам додааст: «Солҳои 1921-1923 дар Осиёи Миёна тахминан номи тоҷик гум шуда буд ва дар ҷоҳои расмӣ забони тоҷикӣ (форсии тоҷикӣ)-ро шунидан мумкин набуд. Забони тоҷикӣ танҳо дар ҳавлиҳои дарунӣ дар байни занон, дар байни модару кӯдак боз монанди аввалинаш ҳукмрон буд. Дар шаҳрҳо... забони модарии аҳолии маҳаллӣ тоҷикӣ бошад ҳам, зӯран барои дар забони ӯзбакӣ (чағатойӣ) сухан гуфтан ҷаҳд мекарданду мекунониданд. Оре, шароит ҳаминро тақозо мекард, дар ин ҷоҳо чағатойчигии пантуркистӣ бо дабдабаи тамом ҳукмрон буд... Дар идораҳо аризаҳои тоҷикӣ навишташударо қабул намекарданд... Ҳама бояд ба забони ӯзбакӣ-чағатойӣ сухан гӯянд. Касе, ки инро накунад, бояд фалон микдор ҷарима бидиҳад. Тарафдорони матбуоти тоҷикӣ ҳамагӣ ба эроничигӣ, шиагӣ иттиҳом ёфта буданд...

Моҳҳои тобистони 1921, ки масъалаи нашр кардани як рӯзномаи тоҷикӣ дар Тошканд, дар ташкилотҳои фирқаӣ ҷӯш кард, дар худи ҳамон рӯзҳо дар Тошканд комиссари маорифи Туркистон рафиқ Нисормуҳаммадро барои ошно шудан бо масъалаи тоҷикӣ ва имконияти нашр намудани як рӯзнома дар забони тоҷикӣ ба Самарқанд фиристод. Дар шаҳри кӯҳна, дар клуби фирқа (саройи Аҳмадҷон) як маҷлиси машварат даъват карда шуд. Дар он ҷо дар бораи нашри рӯзномаи тоҷикӣ як музокираи бузург ба майдон омад. Дар маҷлис рафиқ Айнӣ, Исмоилзода, Маъруф Расулӣ, Фахриддини Роҷӣ ва дигарон ҳозир буданд... Дар ҳамин вақти танг буд, ки ба ёрии мо рафиқон Шоҳтемур, Дяков ва Ҳоҷибоев расиданд... Бо ташаббуси рафиқ Ҳоҷибоев аз Фарғона барои рӯзномаи «Овози тоҷик» панҷсад сӯм иъона ҷамъ шуд, ғайр аз ин, ҳамчунин бо ташаббуси чанде аз моҳо ба тариқи ёрмандӣ барои рӯзнома се ҳазор сӯми Ҷумҳурияти Туркистон ва ду ҳазор сӯми Ҷумҳурияти Бухоро дод. Тоҷикон чӣ қадар бисёр бошанд, нависандагони тоҷик ҳамон қадар кам буданд. Қаламҳои зиёиён ва умуман нависандагони тоҷикзабон ба таҳрири тоҷикӣ одат накарда буд. Таҳрири тоҷикӣ барои қалами онон як кори ҳориқулодда менамуд, аз ҷумлабандиҳои форсӣ қаламҳои онҳо мерамид. Ин буд, ки дар аввали кор вазифа - бо материал таъминкунии рӯзнома ба тариқи як бори вазнин ба гардани чанде аз рафиқон - Садриддин Айнӣ, Сайидризо Ализода, Ғуломалӣ Козимзода афтод. Таърихи матбуоти тоҷикии Осиёи Миёна номи ҳамин рафиқонро бояд алоҳида сабт кунад». (*Руҷӯъ шавад ба китоби “Намунаи адабиёти тоҷик”, 2010, охирсухани Камол Айнӣ, саҳ. 412).*



*Соли 1937. А. Исмоилзода пеш аз иҷрои ҳукми қатл*

Алӣ Исмоилзода дар таъсиси рӯзномаи “Бедории тоҷик” низ саҳм гузоштааст.

### МАСЪАЛАИ ТОҶИКОН

Алӣ Исмоилзода дар баробари иҷрои вазифаҳои масъули ҳизбиву давлатӣ ҳамчун журналист ва публитсисту пажӯҳишгар мақолаҳои зиёде навиштааст. Дар мақолаҳои Алӣ Исмоилзода масъалаи тоҷикон мавқеи меҳварӣ дорад. Махсусан, дар солҳои 20-ум ӯ ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ дар бораи тоҷикон чанд мақола таълиф кардааст, аз ҷумла, “Тожиклар масъаласи теваргида” (Туркистон, 1924, 26-уми август), “Яна тожиклик масъаласи теваргида” (Туркистон 1924, 14-уми сентябр), “Уётсиз ҳуҷумга қарши” («Зарафшон», 1924, 3-юми октябр), “Боз дар атрофи масъалаи тоҷикӣ” («Овози тоҷик», 1924, 28-уми сентябр, 5-уми октябр) “Дар Бухоро корҳои маорифи тоҷикон” («Овози тоҷик», 1928, 27-уми май) ва “Дар атрофи мунокишаи тоҷикӣ ва ӯзбекӣ” («Бедории тоҷик», 1928, 14-уми декабр).

Алӣ Исмоилзода дар мақолаи «Дар атрофи масъали тоҷикон» («Тожиклар масъаласи теваргида»), ки бо имзои Самарқандӣ нашр шудааст, мавқеи мансабдорони пантуркисти комиссариати маорифи халқро интиқод намуда, дар мактабҳои ғайритоҷикӣ таҳсил намудани фарзандони тоҷикро нодуруст ва ғайримантиқӣ меҳисобад. Ӯ аз мансабдорон даъват ба амал меорад, ки Вилояти мухтори Тоҷикистонро дар самти ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ ёрмандӣ намоянд.

Дар солҳои 20 пантуркистон ба ҳар васила талош мекарданд, ки мавҷудияти миллати тоҷикро зери суол баранд. Яке аз чунин нафарон Н. Бектош буд, ки мақолаи «Масъалаи тоҷикон дуруст аст» («Тожиклар масъаласи тугрисида») як халқ будани тоҷикони Самарқанду Помирро зери суол мебарад. Алӣ Исмоилзода таҳти унвони «Фалсафаи бемоя» («Қуруқ фалсафа») ба Бектош ҷавоб навишта, ақидаи ӯро рад мекунад. А. Исмоилзода дар ҳимояи тоҷикон ва забони тоҷикӣ менависад: **«Ҳар миллат забони модарии худро чӣ қадар дӯст медорад, миллати тоҷик ҳамон қадар забони модариашро дӯст медорад».**

Фаъолияти публитсистии Алӣ Исмоилзода солҳои 30-юм низ идома ёфтааст. Яке аз беҳтарин мақолаҳои ӯ дар ин давра “Шоҳнома” ва Фирдавсӣ” мебошад, ки соли 1934 дар рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” нашр шудааст. Ин мақолаи Алӣ Исмоилзода бахшида ба ҷашни 1000-солагии Фирдавсӣ таълиф шуда, дар он рӯзгори Фирдавсӣ, заминаҳои эҷоди “Шоҳнома” ва арзиши бадеиву ғоявии ин шоҳасар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

### ҚУРБОНИ РЕПРЕССИЯИ СТАЛИН

Алӣ Исмоилзода солҳои 1925-1928 ба Ленинград фиристода мешавад ва дар Университети коммунистӣ таҳсил менамояд. Баъдан ба Тоҷикистон баргашта, солҳои 1928-1935 дар вазифаҳои гуногуни ҳизбиву давлатӣ кор мекунад. Дар ин давра дар таъсиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон иштирок менамояд. Як муддат мудирияти филиали Нашриёти давлатии Тоҷикистонро дар Самарқанд ба ухда дошт. Моҳи марти соли 1935 Алӣ Исмоилзода директори Институти такмили ихтисоси кадрҳои маорифи халқи Воронеж таъйин мегардад ва дар ин вазифа то соли 1937 фаъолият мекунад.

Моҳи июни соли 1937 ӯ ҳам қурбони репрессияи сталинӣ гардида, бо ҳукми қатл маҳкум мегардад...

**О. СОҲИБЗОДА**

## МАВЛУДНОМА

**19 ДЕКАБР**

**Абдусалом Абдуқодиров** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Мансур Суруш** (1954), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

**Инанхон Усмонова** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Асҳоби Юсуф** (1964), 60-солагии зодрӯзи коргардони радио.

**20 ДЕКАБР**

**Асрор Алиямов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Рима Гаврилова** (1939), 85-солагии зодрӯзи санъатшинос (рассомӣ), Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Ҳаёт Давлатов** (1939-2008), 85-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Руқияи Давроншо** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист, шоира.

**Додохон Мирбобоев** (1929), 95-солагии зодрӯзи муаррих, профессор.

**Саттор Мухторов** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Саъдиниссо Ҳакимова** (1924-2015), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Талбак Шарифов** (1944), 80-солагии зодрӯзи журналист.

**Зокир Абдуллоев** (1924), 100-солагии зодрӯзи муаррих-эроншиноси озар, доктори илми таърих.

**21 ДЕКАБР**

**Почохон Ашӯров** (1964-2001), 60-солагии зодрӯзи ҳунарманд-ширинкор.

**Сафармуҳаммади Қарахон** (1944), 80-солагии зодрӯзи шоири узбекзабони Тоҷикистон.

**Элмира Мазитова** (1934), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Мунавваршо Назриев** (1939-1994), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Ҷалолхоҷа Хоҷаев** (1904-1967), 120-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**22 ДЕКАБР**

**Амон Норов** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Саидраҳмон Саидов** (1944), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Чамангул Сатторова** (1954), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**23 ДЕКАБР**

**Владимир Муллоҷонов** (1949-2004), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Маҳмуд Пӯлодов** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

**Мирзода Муҳаммадризои Ишқӣ** (1894-1925),130-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**24 ДЕКАБР**

**Муҳаммадалӣ Мадиброҳимов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, профессор.

**София Ниёзова** (1919-2010), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Шаҳрбону Тошева** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Анвар Шукуров** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**25 ДЕКАБР**

**Манзура Азимова** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Маргарита Видяева** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Шакарбек Қурбонбеков** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Сайёҳат Холбоева** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Суннатуллоҳ Ҷонбобоев** (1954), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

**Рустам Шоазимов** (1964), 60-солагии зодрӯзи коргардони кино.

**Ғуломҳасан Софӣ** (1919-1990), 105-солагии зодрӯзи нависандаи даризабони Афғонистон.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1071200 ба номи Эмомали Толиб Тоҳир, ки санаи 21.06.2022 аз ҷониби Литсейи №3-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 8 №095084 ба номи Азизов Руслан Михайлович, ки соли 1993 аз ҷониби МТМУ №26-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Махмудова Хумайро, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, 2 гузаргоҳи кӯчаи Н. Муҳаммад 53 (Чехов), аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №00466817 ба номи Сармисоков Аслам Акбархонович, соли таҳсили 2005-2006, ки аз ҷониби МТМУ №48-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 №149208 ба номи Носиралиева Майсара Сабралиевна, ки санаи 10.07.1996 аз ҷониби мактаби ғоибонаи калонсолон ва наврасон бо ахлоқи қаноатбахши ГБАО, н. Шуғнон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №0922138 ба номи Эгамбердиева Фирӯза Азизбековна, ки соли 2019 аз ҷониби МТМУ №3-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0772293 ба номи Усмонов Суҳроб Рустамович, соли таҳсили 2019-2020, ки аз ҷониби МТМУ №89-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №1192271 ба номи Давлятова Мадина Хуршедовна, ки соли 2023 аз ҷониби МТМУ №66-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Розиков Саидҷамол, РЯМ: 3330220641, РМА: 335145755, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► КТ "Раҷабали Х", №0297424, РЯМ: 2010009201, РМА: 200012945, ки дар Нозироти андози н. Фархор ба расмият даровarда шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Шаҳзодаи Самарқандӣ:

# МИЛЛАТСОЗӢ БИДУНИ АДАБИЁТИ ҚАВӢ НАМЕШАВАД!

(Аввалаш дар саҳ. 8)




Нигаронӣ ва ё тарс аз ҳақиқати талхи рӯзгори мо боиси тангии фазои нависандагон шудааст, ки боиси нигаронист. Мо бояд истиқлолро намоишӣ ва сохтакорона тарсим накунем, балки ҳар кадом истиқлоли баён ва гуфтори худро дошта бошем, чун ҳамаи мо бо ҳам миллат ҳастем, на як ё ду ва на пароканда ва бар зидди ҳам...

**- Дар суҳбату вохӯриҳо хонандаи амрикоӣ бештар ба шумо кадом суолҳоро медод? Яъне аз як нависандаи тоҷик чиҳоро донистан мехостанд?**

- Мепурсиданд, ки ин ҳама озодии баёне, ки дар китобҳои ман хонданд, оё дар адабиёти тоҷик роиҷ аст? Манзурашон румонҳои ман буд ва посух додам, ки ман ба ҳар ҳол дар хориҷ аз кишвар ба сар мебарам ва побанди ҳеч навъ сонсур нестам. Мепурсиданд, ки чиро китобҳоям дар Ӯзбекистон, зодгоҳам мунташир намешаванд? Ё ба кадом забонҳо тарҷума шудааст? Оё ба Осиёи Миёна сафар мекунам ё хайр? Оё худам бо дастонам пахта чидаам? Оё худро ғулом эҳсос мекардам, вақте пахта мечидам? Аз ин пурсишҳое, ки барои хонандаи омрикоӣ ҷолиб аст. Онҳо монополии пахтаи даврони шӯравиро бо давраи ғуломдории Амрико ва кори ройгони сиёҳпӯстон муқоиса мекарданд. Посух додам, ки дастгоҳи пропоганда моро чунон ташвиқ ва мағзшӯӣ метавонад кунад, ки аз кори ройгон ва гушнаву ташна анҷом додаи худ эҳсоси ғуломӣ на, балки эҳсоси қаҳрамонӣ кунем, аз хостани ҳақи аввалияи худ худдорӣ кунем, чун онро заъфи маънӣ медонанд ва тавоноии фардии моро таҳти савол мебаранд. Сармову гармо нагуфта кор мекардем, чун мисли бозии футбол ва ё мусобиқаи байни маҳал ва байни шаҳру маҳал ҳамаро дар баробари ҳам қарор медоданд, то бо ҳашарҳои миллӣ нормаи солона баровaрда шавад. Дар чунин шароит ниёзҳои фардӣ дар пеши пои ниёзи аслии ҷамъ ва марказ маҳв ва худ ба худ номуҳим ва саркӯб мешуд... Дастгоҳи пропогандаи шӯравӣ неруи маънавии моро бо дастони худамон тахриб кард, табиати моро сӯистифода кард, Аралро мо бо дастони худ хушк кардем, модаронро ба тавлид кардани аз ҳад зиёд ташвиқ кард, то артиши шӯравӣ қавӣ бошад. Аз сӯи дигар «Замини Модарон»-ро ҳатто бар асоси ҳафт лояи тариқат таҳлил карда буданд ва аз ман мепурсиданд, ки оё бо суфизм ошноӣ дорам? Ман хатмкардаи забон ва адабиёти тоҷик дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳастам ва мусалламан аз суфизм ва роҳҳои тариқат аз устоди арҷманд профессор Садрӣ Саъдиев таълим гирифтаам ва таъсири онро дар румонҳоям дидани хонандаи амрикоӣ бароям ҷолиб ва омӯзанда буд. Аз адабиёти мо бештар аз он медонанд, ки мо фикрашро мекунем. Фикр мекунем Ғарб ҷаҳони адабии моро намешиносад, аммо ба маротиб бештар аз бархе аз донишҷӯёни адабиёти мо медонистаанд ва огоҳ будаанд. Аз он мепурсиданд, ки оё «Замини Модарон» бар асоси рӯзгори ман аст? Ва аз ин даст пурсишҳо ки маъмулан аз як нависанда пурсида мешавад, ки ҳамаро намешавад инҷо бозтоб дод...

**- "Радиои Замона" навиштааст, ки романи "Замини Модарон"-и шумо дар донишгоҳҳои Амрико тадрис мешавад. Чӣ нукоти ин румон, ки аз рӯзгори занони тоҷик дар нимаи дуюми асри 20 суҳбат мекунад, ба америкоиҳо ҷолиб шудааст?**

- Дар бахши адабиёти муқовимат, муҳитизистӣ, адабиёти феминистӣ ва адабиёти пасоистеъморӣ румони “Замини Модарон” ба унвони намунае аз адабиёти имрӯзии тоҷик дар дасти тамоми мутахассисони адабиёти Осиёи Миёна қарор хоҳад гирифт ва дар номгӯи адабиёти имрӯзии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар китобхонаҳои донишгоҳҳо қобили дастрасӣ хоҳад буд ва ин дастоварди бузургест барои адабиёти тоҷик, ки дар тамоми ин се даҳа натавониста садои худро ба ҷаҳониён бирасонад, ин румон роҳкушо шуд ва алоқаи мавҷудро чанд баробар кард. Аз ин бобат эҳсос кардам коре барои миллат анҷом додам ва аз ин баъд низ идома хоҳам дод. Ман умед бисёр дорам, ки нависандагони дигари тоҷик низ бо намунаҳои беҳтарини осори худ аз ин масир хоҳанд гузашт ва садои то ҳол нашунидаи мардуми моро ба гӯши мухотаби нуктадон ва тахассусии Ғарб хоҳанд расонд. Умед аст, ки ин як шуруъи ҷараёни ҷадид барои адабиёти тоҷик бошад ва мо вориди давраи густариш ва иртиқо шавем ва беш аз пеш кушотар, то битавонем адабиётро аз дасти сиёсат ва тангии иқтисод берун бикашем ва навиштанро ҷиддӣ бигирем ва амиқу расо бинависем аз то ҳол ннавиштаҳо, ки бар мо гузашт ва мегузарад...

**- Дар бораи худ бигӯед. Солҳои охир ба чӣ корҳо машғул ҳастед?**

- Аз солҳои шуруъ ба кор дар «BBC»-и форсӣ дар соли 2000 аз шеър фосила гирифтам ва ба наср пайвастам. Дар соли 2002 вақте ба Ландан кӯчидам, аввалин вебблоги тоҷикиро навиштам бо унвони «Самарқанд Малакут», дертар ҳангоми ҳамкорӣ бо «Радиои Замона» ва кӯчидан ба Ҳолланд, аввалин романи худро навиштам бо унвони «Стокҳолм» ва аввалин китоби савтии тоҷикиро ба сабт расондам ва он ҳамин румони «Замини Модарон» буд, ки то ҳол ба чандин забон тарҷума ва мунташир шудааст. Дар Қоҳира бар асоси он ду нафар унвони доктори адабиёт гирифтаанд ва қарор аст моҳи майи оянда ба забони арабӣ низ мунташир шавад. Румони “Сармаддеҳ”-и шодравон Баҳманёрро ҳам ба форсӣ ба чоп расондам ва ҳам бахшҳое аз онро ба таври савтӣ хондаам ва бар асоси ин румон низ корҳои илмӣ дар Қоҳира анҷом шудааст. Дар Ҳолланд барномаҳои адабии “Шабҳои Самарқанд”-ро барпо мекардам, ки то даврони Куруно фаъол буд ва пас аз он мутаваққиф шуд. Дар он аз аҳли фарҳанги форсизабон даъват мекардам ва аз фазои адабиёти форсии тоҷикӣ суҳбату шабнишиниҳо барпо мекардам. Ҳудуди як сол аст, ки ба шаҳри Лоҳа (Ден Хаҳ), пойтахти Ҳолланд кӯчидаам ва ҳудуди ҳашт сол аст, ки танҳо шаҳрвандии ин кишварро дорам. Забони ҳолландӣ омӯхтам ва дигар дар Амстердами пуррафтуо зиндагӣ намекунам. Дар ҳоле, ки дар он сарусадо панҷ румон навиштам: «Сандроми Стокҳолм», «Замини Модарон», «Регистон», «Бозгашт ба Бухоро» ва «Маликаи Саразм»... Пас аз бозгашти Толибон ба Афғонистон аз расона фосила гирифтаам ва бештар машғули мутолеа ҳастам ва менависам.

**Мусоҳиб:**
**Одил НОЗИР**

КМОТ

# ПРЕЗИДЕНТИ НАВИ КМОТ ИНТИХОБ КАРДА ШУД

**13-уми декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нав президенти Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон (КМОТ) интихоб шуданд.**




Номзадии Эмомалӣ Раҳмон зимни баргузории Ҷаласаи 24-уми ҳисоботӣ-интихоботии Ассамблеяи генералии Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе аз ҷониби 30 федератсияи варзишии аъзои КМОТ пешбарӣ гардида, якдилона пазируфта шуд.

Дар ҷаласа ҳамчунин ноиби якуми раиси Федератсияи тенниси Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода ва раиси Федератсияи варзиши сабуки Тоҷикистон Дилшод Назаров ноибони президенти Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, котиби генералии Федератсияи шиновари Тоҷикистон Муҳаммадшо Абдуллозода котиби генералӣ, раиси Федератсияи ҷудои Тоҷикистон Исмоили Маҳмадзоир, директори генералии Федератсияи лижаронии Тоҷикистон Муҳаммад Мирзоалиев, котиби генералии Федератсияи намудҳои варзиши гимнастикаи Тоҷикистон Саодат Носирова, мушовири раиси Федератсияи тенниси рӯи мизи Тоҷикистон Нурулло Лоиқов ва намояндаи Комиссияи варзишгарон Мунира Абдусаломова аъзои дигари Кумитаи иҷроияи Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2025-2028 интихоб ва нақшаҳои стратегӣ, кор ва буҷети Кумита барои соли 2025 тасдиқ карда шуданд.

ФФТ

# РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БАРОИ ЧОР СОЛИ ДИГАР ПРЕЗИДЕНТИ ФФТ БОҚӢ МОНД

**14-уми декабр дар Душанбе Конгресси ҳисоботӣ-интихоботии Федератсияи футболи Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он Рустами Эмомалӣ бори чорум, то соли 2028 президенти ФФТ интихоб шуд.**



Ҳамчунин, Хуршед Мирзо ноиби якуми президенти ФФТ, Алишер Урунов, Сайвалӣ Донийёрзода ва Искандар Ҷалилов ноибони президенти Федератсияи футболи кишвар интихоб шуданд.

Илова бар ин, дар Конгресс ҳайати нави Кумитаи иҷроияи Федератсияи футболи Тоҷикистон интихоб шуд. Ба ҳайати Кумитаи иҷроияи ФФТ ба ҷуз аз президент ва чор муовини ӯ инчунин Шоҳрух Саидзода, Зулфиқор Гулаҳмадзода, Раҷаббой Аҳмадзода, Давлаталӣ Саид, Аҳтам Абдуллозода, Дилшод Ҷӯразода, Фарҳод Расулзода, Нурҷаҳон Исмоилзода, Зайнулло Шарифзода, Лутфия Абдулхолиқзода, Ҳусейн Халилзода ва Фарҳод Мирзоев шомил гардиданд.

Дар кори Конгресси Федератсияи футболи Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе намояндагони Федератсияи байналмилалии футбол (FIFA) ва Конфедератсияи футболи Осиё (AFC) ширкат карданд.

Президенти FIFA Ҷаннӣ Инфантино ва президенти AFC Шайх Салмон бини Иброҳим Ал-Халифа президенти ФФТ Рустами Эмомалиро барои ба ин вазифа таъйин шуданаш шодбош гуфтанд.

ZFN 2

# ШИКАСТИ АВВАЛИНИ РАЗМИКОРИ ТОҶИК ДОРОБШОҲ НАБОТОВ

**Доробшоҳ Наботов, размикори тоҷикистонӣ аввалин шикасти худро аз сар гузаронд ва натавонист бо UFC қарордод ба имзо расонад.**




Доробшоҳ Наботов дар мубориза, ки карордодаш бо UFC ба он бастагӣ дошт, шикаст хӯрд. Ӯ ба Матеус Камило аз Бразилия бохт.

Набарди байни Наботов (9 - 1) ва Камило (9 - 2) ба унвони бахше аз мусобиқоти ZFN 2 дар Коян (Курияи Ҷанубӣ) баргузор шуд. Натиҷаи пирӯзии Матеус бо тасмими якдилонаи доварон буд. Барандаи ин разм метавонад бо UFC қарордод имзо кунад.

Худи раиси UFC Дана Уайт қасд дошт дар ин мусобиқа ширкат кунад, аммо ба далели иттифоқоти сиёсӣ дар он кишвар аз сафар ба Курияи Ҷанубӣ худдорӣ кард.

Наботов охирин бор моҳи ноябри соли 2023 дар мусобиқоти AMC Fight Nights 122 бо Мурод Билоров мубориза кард. Ин рақобат то охир идома карда, бо қарори якдилонаи доварон ба фоидаи Доробшоҳ анҷом ёфт. Доробшоҳ 9 рақобат гузаронида, дар ягонтоаш мағлуб нашуда буд.

Матеус Камило охирин бор моҳи октябри соли ҷорӣ дар Tuff-N-Uff 139 бо Ҷонаски Сочо мубориза кард. Ин мубориза низ то охир идома карда, бо қарори якдилонаи доварон ба нафъи Матеус ба поён расид. Матеус 10 рақобат гузаронида, 8 ғалаба ва 2 бохт дошт.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# СОЛИ 2025 ФУТБОЛ ДАР ТОҶИКИСТОН 7-УМИ МАРТ ШУРУЪ МЕШАВАД

**Дар ҷаласаи нахустини Кумитаи нави иҷроияи ФФТ пешниҳоди Кумитаи баргузории мусобиқаҳо дар бораи оғози мавсими нави Чемпионати футболи Тоҷикистон қабул шуд. Соли оянда Чемпионати Лигаи олии футболи Тоҷикистон 7-уми март оғоз мешавад.**



Дар соли 2025 ҳар дастаи Лигаи олӣ метавонад ҳадди аксар ҳафт бозигари хориҷиро ба дархости худ ворид кунад, аммо танҳо панҷ легионер дар як вакт имкон доранд дар майдон бошанд.

Варзишгоҳи марказии Ҳисор макони баргузории бозӣ барои Суперҷоми Тоҷикистон-2025 тасдиқ карда шуд. Воҳурӣ 25-уми май дар Рӯзи ҷаҳонии футбол баргузор мешавад.

Дар соли 2025 ҳар марҳилаи Ҷоми Тоҷикистон аз як бозӣ иборат гашта, воҳӯрии ниҳоӣ дар варзишгоҳи «20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон»-и шаҳри Хуҷанд сурат мегирад.

Ҳамчунин, Кумитаи иҷроияи Федератсияи футболи Тоҷикистон рӯйхати бехтарин бозигарон ва мураббиёни соли 2024-ро тасдиқ кард.

РЕЗААХБОР




Набард миёни Анис Ёқубови тоҷик (9-1) ва Вартан Асатрян (26-10) аз Русия ба далели мушкилоти изтирории вазъи саломатии Ёқубов лағв шуд. Пеш аз мубориза дар маросими вазнкашӣ ӯ бо душвории зиёд ба тарозу баромад, ки дар категорияи вазни 57,5 кг вазнаш 1 кг зиёд буд. Дар арафаи набард бемор шуд ва ӯро ба бемористон бурданд. Дар аввал гуфтанд, ки гурдаҳояш беморанд, вале баъд маълум шуд, ки бemорӣ ба ғадуди зери меъда ё худи меъда марбут аст.

***

Субҳон Шодиев, ки қаблан дар вазифаи муовини директори генералии Лигаи футболи Тоҷикистон кор мекард, директори генералии ин лига таъйин шуд. Раиси пешини Лигаи футболи Тоҷикистон Сайвалӣ Донийёрзода, ки дар Анҷумани охири ҳисоботӣ-интихоботии Федератсияи футболи Тоҷикистон ноиби президенти ФФТ интихоб шуда буд, акнун кори федератсияро назорат хоҳад кард.

***

15-уми декабр дар Маскав мусобиқаи ACA 182 баргузор шуд, ки рӯйдоди аслии он набарди Фаридун Одилов (18-3-2) аз Тоҷикистон ва Адлан Иброҳимови рус (9-2) буд. Одилов барои гирифтани унвони ғолиби Гран-при ASA ва чемпиони ин созмон дар вазни сабук бо Иброҳимов мубориза бурд. Набард дар раунди чорум, пас аз он, ки Иброҳимов рақибашро бӯғӣ кард, бо шикасти Одилов ба поён расид.

***

Макони баргузории бозии нахустини дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 дар гурӯҳи «А» муқобили тими миллии Тимори Шарқӣ тасдиқ шуд. Ин воҳӯрӣ рӯзи 25-уми май дар Варзишгоҳи марказии Душанбе баргузор шуда, соати 16:00 оғоз мешавад.




## КОНОДО

Аз афғоне, ки дар Душанбе зиндагӣ мекунад, пурсиданд:

- Тоҷикистон хуб аст ё Афғонистон?

Афғон гуфт:

- Конодо...

## ФУТБОЛ

Ду футболбози пир маслиҳат мекунанд, ки агар яке барвақт рехлат намояд, бояд ба дигарӣ хабар диҳад, ки дар он дунё футбол ҳаст ё не. Инак, яке аз футболбозон мефавтаду баъди се рӯз ба рафиқаш хабар медиҳад:

- Ҷӯраҷон, ман бароят ду хабар дорам, яке хушу дигаре нохуш.

Рафиқаш мегӯяд:

- Аввал аз хушаш бигӯ.

Футболбози фавтида мегӯяд:

- Дар ин ҷо футбол ҳаст.

Рафиқаш мегӯяд:

- Хабари нохушат чист?

Футболбоз:

- Бозии футбол ҷумъаи оянда аст, ту бошӣ, дар ҳайати асосӣ ширкат меварзӣ.

## МАҶЛИС

Писарбача ба волидонаш мегӯяд:

- Пагоҳ дар мактаб маҷлиси падару модарон будааст. Муаллима гуфтанд, ки падарат шиносномаашро биёрад.

Модар ҳайрон шуда, мепурсад:

- Шиноснома барои чӣ?

Падар мегӯяд:

- Аз афташ дарҳол аз бонк қарз мегирем.

Зардолу

Фурӯшандае килои зардолуро бо арзиши 5 сомонӣ ва килои донаи зардолуро бошад, 10 сомонӣ мефурӯхт. Нафаре пурсид, ки чаро донааш аз зардолу қимат аст?

Фурӯшанда гуфт:

- Донааш ақли инсонро зиёд мекунад.

Мард камтар фикр карду гуфт:

- Як килограмм аз донаи зардолу бидеҳ!

Машғули хӯрдани зардолу андеша намуд, ки агар зардолу мехарид, ҳам зардолу мехӯрд, ҳам донаашро мехӯрд ва ҳам арзон меафтид.

Мард рафта, ин фикрашро ба фурӯшанда гуфт. Фурӯшанда бошад, дар ҷавоб мегӯяд:

- Гуфта будам ку, донаи зардолу ақли одамро зиёд мекунад. Дидӣ, туро дар як лаҳза боақл кард.

## СИХКАБОБ

Аз духтараки фарбеҳ пурсиданд:

- Шоколади дӯстдоштаат чӣ ном дорад?

Духтар гуфт:

- Сихкабоб...

Таҳияи
**Н. РАҶАБОВА**

## ФАРЗ Ё СУННАТ?

Рафике ҳам зан дошту ҳам маъшуқа. Ӯро ба роҳи рост ҳидоят кардани шуда, хеле насиҳат карда, гуфтем:

- Маъшуқабозӣ гуноҳ аст, зеро зино ба ҳисоб меравад. Агар аз маъшуқаат дур шуда натавонӣ, беҳтараш ӯро ҳам ба никоҳат дарор. Бо ин роҳ ту ҳам савоб мегирӣ ва ҳам суннатро ба ҷо меорӣ.

Ниҳоят баъди насиҳатҳои зиёд, ӯ маъшуқаашро ҳам ба никоҳаш даровард. Рӯзе, вақте ба дидорбиниаш омадем, маълум шуд, ки зани асосиаш ӯро тарк кардааст.

Лаҳзае ба дилбардориҳои мо гӯш карда, гуфт:

- Суннатро иҷро мекунем гуфта, фарзро аз даст додем.

## ШУМО ҲАҶ ОМАДЕД Ё?

*(Аз нақли шоири муҳоҷир Гули Мурод)*

Дар сафари ҳаҷ ҳамроҳонам аксар пиронсолон буданд. Вақте ҳамагӣ дар Каъба дуо карда баромадем, аз як нафари онҳо бо шӯхӣ пурсидам:

- Дар хонаи Худо чӣ дуое кардед?

Гуфт:

- Ният кардам, ки баъд аз зиёрати ҳаҷ зани ёш бигирам.

- Шумо барои адои қарз омадед, ё бо нияти аз Худо талаби зани ёш кардан?,- гуфтам бо ханда.

Бо табассум гуфт:

- Ҳам ину ҳам он.

## РАНГИ ХУДАТ ДОНО БИСЁР

Субҳ ба кор дер мекардам, бинобар ин тасмим гирифтам, ки бо таксӣ равам. Ба бахти ман роҳ пур аз мошин буду таксиву автобус баробар ҳаракат мекарданд. Вақте аз маҳаллаи 33 мегузаштам, ба ронанда гуфтам:

- Ин тараф тамбашавии мошинҳо зиёд ба назар мерасад. Намешавад, ки тавассути Яккачинор ҳаракат кунем?

- Ранги худат доно бисёр аст,- гуфт бепарво ронанда.- Ҳоло Гулистон меравем, ки дар он ҷо ҳамааш дармондаанд.

Вақте аз гардиши "Профсоюз" гузаштем, тамбашвии мошинҳо боз ҳам бештар ба назар мерасид. Гуфтам:

- Биё миёни биноҳо ҳаракат кунем, то тезтар равем.

Боз гуфт:

- Ранги худут доно бисёр аст ака, тоқат кун.

Ноилоҷ хомӯш шудам. Ниҳоят аз тамбашавии самти Гулистон гузашта, ба Сирк наздик шудем, ронанда қатори мошинҳои боловро нишон дода, гуфт:

- Ана ҳаминҳо ҳамон донoҳои ранги худат ака. Акнун инҳо меистанд, мо меравем.

Хандида гуфтам:

- Ҳамон киноеро, ки ман дидам, коргардонаш худат будай ку!

## АСАЛИ БЕНАМАК

Дар Хоҷа Обигарм асалфурӯше бо овози баланд асали худро таъриф карда, меҳмононро ба харидорӣ даъват мекард. Мундонӣ назди ӯ омада, баъд аз фаҳмидани нарху наво пурсид:

- Чашидан мумкин аст?

- Марҳамат, марҳамат, аввал чашед, баъд харидорӣ кунед,- гуфта фурӯшанда ба чашидан иҷозат дод.

Мундонӣ баъд аз чашидани асал эътироз карда, гуфт:

- Намегирам, асалат маъқул нашуд.

- Чияш маъқул нашуд?,- боз суол кард фурӯшанда.

Мундонӣ гуфт:

- Асалат намак надорад, бахудо намак надорад.

Асалфурӯш, ки ҳозирҷавоб будааст, гуфт:

- Ака, лаззати ин асалро одамони бенамак намефаҳманд.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

## Сканворд

